М. АБДУФАТТОЕВ: ҲАҶВ БОЯД МУТОБИҚИ ЗАМОН БОШАД! с. 10

100%. ВМКБ ВА ХАТЛОН НАҚШАРО ИҶРО КАРДАНД с. 5

ТИЛО ДАР ТОҶИКИСТОН АРЗОН ШУД с. 7

ТОҶИКИСТОН

№ 12-13 (1677), 1.04.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992



ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

Аз фарҳангу маориф то саноату кишоварзӣ ва рушди вилоят



ДАР ИН ШУМОРА:

ҲАДАФ $2 МЛРД
Натиҷаи сафари Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон с.2

ПУЛИ БОВАРӢ
Бардошти Назира Қамчибекова аз сафари Душанбе с.3

ҶАНГИ ЭРОН ВА ИМА
Оғози буҳрони шадиди ҷаҳонӣ с.4

«DUSHANBE NAVRUZ FEST»
Бо иштироки сарояндагони ватаниву хориҷӣ с.5

MADE IN TAJIKISTAN
Харидорони асосии молҳои Тоҷикистон кадом кишварҳоянд? с.7

ДОСТОНИ ЗИНДАГӢ
Нашри китоб дар бораи Баҳриддин Камолиддинов с.6

КАНЗИ ШИФО
Ибни Сино дар бораи чукрӣ чӣ мегӯяд? с.12

ВАРЗИШ
Тоҷикистон ба Ҷоми Осиё-2027 роҳ ёфт с.15

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

Sebiston

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92

› **Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.**

› **Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.**

› **Сохтмон 3 сол идома меёбад.**

› **Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.**

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

ҲАДАФ 2 МЛРД ДОЛЛАР

Натиҷаи сафари Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон

Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо як силсила рӯйдодҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ хотирмон гардид. Ин сафар, ки дар фазои гарм ва дӯстона баргузор шуд, на танҳо ба таҳкими равобити ду кишвар такони ҷиддӣ бахшид, балки заминаҳои нави ҳамкории бисёрҷанбаро низ фароҳам овард.



МУЗОКИРОТИ САТҲИ ОЛӢ

Сафари Сарвари давлат аз маросими истиқбол дар Фурудгоҳи шаҳри Тошканд бо ширкати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев оғоз ёфт. Пас аз гузоштани гулчанбар дар назди муҷассамаи “Истиқлол ва башардӯстӣ” музокироти сатҳи олии ду кишвар баргузор гардид.

Дар ҷараёни мулоқот Шавкат Мирзиёев изҳори итминон намуд, ки сафари Эмомалӣ Раҳмон ба рушди минбаъдаи муносибатҳои ҳампаймонӣ ва шарикии стратегӣ миёни ду кишвар такони тоза мебахшад. Дар навбати худ, Эмомалӣ Раҳмон ба сатҳи кунунии ҳамкориҳо баҳои баланд дода, аҳамияти густариши равобити гуногунҷанбаро таъкид кард.

АФЗОИШИ ГАРДИШИ МОЛ

Яке аз мавзуҳои калидии музокирот рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ буд. Ҷонибҳо тасмим гирифтанд, ки ҳаҷми гардиши мол миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон дар солҳои наздик ба 2 миллиард доллар расонида шавад. Айни ҳол ин нишондиҳанда ба 1 миллиард доллар наздик арзёбӣ мегардад.

Тибқи арзёбиҳо, то соли 2030 расидан ба ин ҳадаф пешбинӣ шудааст, ҳарчанд сарони ду давлат изҳори бовар намуданд, ки бо назардошти имкониятҳои мавҷуда, ин нишондиҳанда метавонад ҳатто пештар, то соли 2028 амалӣ гардад.

Омори расмӣ нишон медиҳад, ки айни замон дар Ӯзбекистон зиёда аз 400 корхона бо сармояи соҳибкорони тоҷик фаъолият доранд ва дар Тоҷикистон низ беш аз 130 корхонаи муштарак бо иштироки сармояи ӯзбекӣ амал мекунанд.

ИМЗОИ САНАДҲОИ НАВ

Пас аз анҷоми музокирот миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон як бастаи муҳими санадҳои ҳамкорӣ ба имзо расид, ки онҳо бахшҳои мухталиф, аз иқтисоду саноат то фарҳангу маориф ва амниятро фаро мегиранд.

Аз ҷумла, сарони ду давлат изҳороти муштаракро дар бораи таҳкими муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ ба имзо расониданд. Ҳамчунин, як қатор барномаҳо ва нақшаҳои амал оид ба рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои саноат, технология, сайёҳӣ, кишоварзӣ, тандурустӣ ва дигар самтҳо қабул гардиданд.

ТАВАҶҶУҲ БА ТАҲДИДҲОИ МУОСИР

Дар баробари масъалаҳои иқтисодӣ мавзуи амният низ дар маркази таваҷҷуҳи ҷонибҳо қарор дошт. Сарони давлатҳо зарурати тақвияти ҳамкории сохторҳои ҳифзи ҳуқуқро дар муборизаи бо терроризм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои киберӣ ва қочоқи маводи мухаддир таъкид карданд.

Эмомалӣ Раҳмон зимни баррасии вазъи минтақа онро мураккаб арзёбӣ намуда, зарурати талошҳои муштарак барои муқовимат ба таҳдидҳои умумиро муҳим шуморид.

КӮЧАИ ДУШАНБЕ ДАР ТОШКАНД

Дар доираи сафари мазкур сарони ду кишвар ба таври маҷозӣ дар оғози татбиқ ва ифтитоҳи 12 тарҳи муштарак ширкат карданд. Аз ин шумора 7 лоиҳа дар Тоҷикистон ва 5 лоиҳа дар Ӯзбекистон амалӣ мешаванд.

Дар Тоҷикистон бунёди як қатор иншооти муҳими саноатӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсолӣ, маҷмааҳои нассоҷӣ, клиникаҳои тиббӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ монда мешавад. Дар навбати худ, дар Ӯзбекистон низ лоиҳаҳои истеҳсолӣ ва сохтмони манзилҳои истиқоматӣ амалӣ мегарданд.

Ҳамзамон, дар доираи яке аз тарҳҳо дар шаҳри Тошканд кӯчае бо номи “Душанбе” бунёд мегардад, ки рамзи дӯстӣ ва наздикии ду миллат арзёбӣ мешавад.

ИФТИТОҲИ БИНОИ САФОРАТ

Яке аз рӯйдодҳои муҳим ифтитоҳи бинои нави Сафорати Тоҷикистон дар шаҳри Тошканд буд. Сарони ду давлат аз иншооти нав боздид намуда, онро ҳамчун нишонаи таҳкими равобити дипломатӣ арзёбӣ карданд.

Дар поёни рӯз Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев дар барномаи фарҳангии “Шоми дӯстӣ” иштирок карданд. Ин чорабинӣ бо ҳунарнамоии аҳли фарҳангу санъати ду кишвар баргузор шуда, бозгӯи пайвандҳои таърихӣ ва фарҳангии халқҳои тоҷик ва ӯзбек гардид.

27-уми март Эмомалӣ Раҳмон, раисҷумҳури Тоҷикистон дар рӯзи дуюми сафари давлатии худ ба Ӯзбекистон аз Тошканд ба шаҳри Бухоро сафар карда, бо Шавкат Мирзиёев, раисҷумҳури ин кишвар аз чанд мавзеи таърихии шаҳри қадимаи Бухоро, аз ҷумла Оромгоҳи Исмоили Сомонӣ боздид намуд.

САРИ САБЗ



Абдурауф МУРОДӢ,
нависандаи ҳаҷвнигор

- Ташкили курс-конфренсияҳои ҳаҷвнигорони ҷавон, чопи китоби дастаҷамъии онҳо, эълони озмун барои ҳаҷвияҳои беҳтарин ва амсоли инҳо тадбирҳои натиҷабахш хоҳанд буд. Ба як сухан, ҳаҷви имрӯзи мо, ки чандон дурахши чашмгир надорад, ба тадбирҷӯиҳо ниёзманд аст.

- Иии, шумо худ ҳамчун як нафар ҳаҷвнигор магар аз мушкилоти дар пай доштаи ҳаҷви ҳаҷвнигорон хабар надоред?! Агар огоҳ бошед, пас аввал заминаи бехавфи фаъолияти онҳоро фароҳам кардан лозим.



Бахтиёр КАРИМОВ,
сенаристи
“Моҳӣ дар шаст”

- Дар солҳои мактабхонӣ, дар назди мактаби мо як бинои хурд буд, ки он ҷо донаи офтобпараст мефурӯхтанд. Дар ҳамон хона мардон қиморбозӣ мекарданд. Аз ҳамон вақт образи одамони ба бозиҳои бурду бохт додашуда хеле аҷиб буд.

- Ҷаноб, аз ҳамон образи “замони қадим” бо эҳсосот чунон аҷоибот меофаред, ки гӯё он мардони қиморбоз кори хеле хуб мекардаанд... Наметарсед, ки чунин назарҳо ба мафкураи ҷавонон таъсир мекунанд?



Дилшод НАЗАРОВ,
қаҳрамони
олимпӣ

- Ман кӯшиш мекардам ҳам ба худ ва ҳам ба омодагии худ сарф бикунам... ҳеҷ гоҳ намехостам аз касе чизе талаб намоям ва вобаста бошам... Одамон танҳо қисми болоии яхпораро мебинанд. Вақте боло меравӣ, чанд маротиба бояд афтӣ, барҳезӣ ва боз идома диҳӣ.

- Дуруст, зиндагӣ ҳамааш афтодану хестану идома додан аст. Аммо бисёр нафарони бомаҳорате ҳастанд, ки мехоҳанд барои омодагияшон сарф бикунанд, вале дасти норасо доранд...

ХАБАРНИГОРОНИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР ҲАФТАНОМАИ «ТОҶИКИСТОН»

ЖУРНАЛИСТОНИ ҚИРҒИЗИСТОН 23-ЮМИ МАРТ ДАР ДОИРАИ САФАРИ ХУД БА ТОҶИКИСТОН ВА ИШТИРОК ДАР ЧОРАБИНИҲОИ НАВРӮЗӢ АЗ МЕДИА-ХОЛДИНГИ “ОИЛА” БОЗДИД НАМУДАНД.









Меҳмононро директори генералии медиа-холдинги “Оила” Шариф Ҳамдампур ва ҳайати кормандон пешвоз гирифтанд.

Шариф Ҳамдампур ба меҳмонон оид ба таърих ва ташаккули расонаҳои медиа-холдинг, аз ҷумла нашрияҳои “Тоҷикистон”, “Оила”, хабаргузориҳои Pressa.tj, Oila.tj, агентии рекламавии «Тайрон», нашриёти “Мега-принт” маълумот дод. Номбурда зикр кард, ки боздиди журналистони Қирғизистон аз Тоҷикистон барои табодули тачриба ва рушди ҳамкориҳо мусоидат мекунад. Ҳамчунин, Шариф Ҳамдампур қайд кард, ки моҳи июли соли 2025 гурӯҳи хабарнигорони Тоҷикистон низ ба Қирғизистон сафар карда буданд ва дар ин ҳайат хабарнигори ҳафтаномаи “Тоҷикистон” низ ҳузур дошт.

Зимни боздид аз медиа-холдинги “Оила” рӯзноманигорони қирғиз доир ба фаъолияти рӯзноманигорони тоҷик, рушди расонаҳои электронӣ, гузаштан ба интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ворид намудани технологияи нав ва дигар самтҳои фаъолияти расонаҳои Тоҷикистон пурсиданд ва ба саволҳои худ посух гирифтанд.

Адилет Иманов, журналист аз шабакаи «7-Қирғизистон» мегӯяд, ки иштирок дар тачлили Наврӯз ва шиносоӣ бо фаъолияти медиа-холдинги “Оила” барояш ҷолибу хотирмон аст.

- Барои ман хеле хушоянд аст, ки дар Наврӯзи Тоҷикистон иштирок дорам. Душанбе шаҳри тозаву зебо буда, мардумаш хеле меҳрубонанд. Мо бо фаъолияти медиа-холдинги “Оила” низ шинос шудем. Ин ба мо имкон медиҳад, ки тачрибаҳои якдигарро омӯзем,- гуфт ӯ.

Ҳамзамон, журналист Айзат Кутева аз сатҳи рушди расонаҳо ва фазои идонаи пойтахт изҳори қаноатмандӣ намуд.

- Ин сафари аввалини ман ба Душанбе аст. Шаҳр хеле пешрафта ва тоза аст. Наврӯз дар Тоҷикистон бо шукӯҳи хос тачлил мешавад. Мо бо фаъолияти медиа-холдинги “Оила” шинос шудем, ки воқеан ҳам пешрафта аст,- таъкид кард ӯ.

Бояд гуфт, ки сафари ҳайати журналистони Қирғизистон аз 22 то 27-уми март идома дошта, онҳо дар ин муддат аз мавзеъҳои таърихию фарҳангии шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Норак ва ноҳияи Варзоб боздид намуданд. Ҳамчунин, дар ин сафар журналистони қирғиз аз медиа-холдинги “Оила” ва Телевизиони “Душанбе HD» дидан намуда, бо ҳамкасбони тоҷикашон табодули тачриба намуданд.

Меҳмонон дар чорабиниҳои наврӯзӣ иштирок намуда, бо суннату анъанаҳои миллӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллӣ аз наздик шинос шуданд.

Ба таъкиди иштирокдорон, чунин сафарҳо барои таҳкими робитаҳои дӯстона ва рушди ҳамкориҳои расонаӣ миёни Тоҷикистону Қирғизистон аҳамияти муҳим доранд. Инчунин, ба табодули тачриба ва таҳкими ҳамкориҳои иттилоотӣ миёни Тоҷикистону Қирғизистон мусоидат менамояд.

ПУЛИ БОВАРӢ

Бардошти Назира қамчибекова аз сафараш ба Душанбе

Зимни боздиди рӯзноманигорони қирғиз аз идораи ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ба хабарнигори мо имкон даст дод, ки бо ёрдамчии сухангӯйи Президенти Қирғизистон Назира Қамчибекова суҳбати кӯтоҳе анҷом диҳад. Ин суҳбатро манзури шумо мегардонем.



- Хонум Назира, ба Тоҷикистон хуш омадед!

- Ташаккур.

- Таассуроти нахустини шумо аз Душанбе чӣ гуна аст?

- Таассуроти нахустини ман аз шаҳри Душанбе бисёр гуворо аст. Шаҳрро офтобӣ, сарсабз, тозаву озода ва меҳмоннавоз дарёфтам. Махсусан тозагии шаҳр касро ба ҳайрат мегузорад.

- Чӣ бештар ба шумо дар Душанбе писанд омад?

- Албатта, мардуми меҳмоннавоз ва меҳрубони Душанбе, ки дар ҳама ҳолат ҳозиранд бо чеҳраи кушодаву пуртабассум ба меҳмонон дасти мадад дароз кунанд.

- Вақте мо ба кишваре сафар мекунем, ҳатман чизҳое ҳаст, ки моро ба ҳайрат меорад. Чӣ шуморо дар ин сафар ба ҳайрат овард?

- Сарсабзии Душанбе. Дар шумо анъанаи шаҳри сабз ҳифз мешавад. Ба ман гуфтанд, ки Ҳукумати шаҳри Душанбе ҳам ба ин масъала бисёр таваҷҷуҳ дорад ва барои зебоиву шукуфоии Душанбе кӯшиш ва маблағи зиёд равона мекунад. Дар шароити тағйирёбии иқлим ва гарм шудани ҳаво сарсабз нигоҳ доштани боғу гулгаштҳои шаҳр ва рушди “шаҳри сабз” осон нест, вале бисёр муҳим аст.

- Шумо бо рӯзноманигорони тоҷик ошно шудаву суҳбат кардед. Чӣ умумият дар кори рӯзноманигорони ду кишвар ҳаст?

- Бале, хушбахтона ба банда чунин имкон даст дод, ки бо ҳамкасбони тоҷик шинос шавам ва бо фаъолияти онҳо ошноӣ пайдо кунам. Умумияти кори рӯзноманигорони ду кишвар дар он зоҳир мешавад, ки дар ҳар ду кишвар журналистон аз пайи адои рисолати касбии хеш ҳастанд ва мехоҳанд иттилооти саҳеҳро ба мухотабонашон расонанд. Албатта, ҳам дар Қирғизистон ва ҳам дар Тоҷикистон раванди гузариш ба интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ босуръат идома дорад. Вале барои банда як нукта бисёр хушоянд аст, ки инъикоси дӯстии Тоҷикистону Қирғизистон дар кори рӯзноманигорони ду кишвар эҳсос мешавад. Воқеан, мо бояд дар оянда чунин кор кунем, ки ба рушди муносибати кишварҳо, ҳифзи ҳусни ҳамҷаворӣ ва дӯстии мардумонамон мусоидат кунад.

- Боз чӣ чизҳо аз сафари Тоҷикистон барои шумо хотирмон буд?

- Ҳама чиз аз ин сафар хотирмон аст. Шуруъ аз пешвози самимӣ то ошноӣ бо ҳамкасбони тоҷик ва тамошои табиати нотакрор ва анъанаҳои наврӯзии мардуми тоҷик.

- Ба дӯстони қирғиз дар бораи Тоҷикистон чӣ хоҳед гуфт?

- Тавсия медиҳам, ки ҳатман ба Тоҷикистон, ба шаҳри зебои Душанбе биёянд, тамошо кунанд ва аз табиати зебои он баҳра баранд.

- Худатон нияти боз ба Тоҷикистон омадан доред?

- Албатта, мехоҳам, ки на дар доираи сафари корӣ, балки бо хонаводаам ба саёҳати Тоҷикистон оям.


Мусоҳиб:
Рухшона НОРОВА

ҶАНГИ ЭРОН ВА АМРИКО

Оғози буҳрони шадиди ҷаҳонӣ



Ҳафтаҳои ахир вазъи аминятӣ дар Ховари Миёна ба марҳилаи бисёр ҳассос ворид шудааст. Гузоришҳо дар бораи омодагии эҳтимолии Пентагон барои амалиёти заминӣ дар хоки Эрон, ҳамзамон бо изҳороти зиддунақизи сиёсатмадорони амрикоӣ ва посухҳои тунди Теҳрон, нишон медиҳанд, ки ҷаҳон шоҳиди як навъ вазъи печида ва мураккаб аст.





ВОҚЕИЯТ Ё ФИШОРИ СИЁСӢ?

Гузориши рӯзномаи “The Washington Post” дар бораи омодасозии тарҳи амалиёти заминӣ аз ҷониби Амрико, баҳсҳои зиёдеро барангехт. Тибқи ин гузориш, сухан дар бораи як амалиёти маҳдуди чандҳафтаина меравад, ки метавонад ба нуқтаҳои стратегии Эрон, аз ҷумла ҷазираи Хорг ва минтақаҳои наздик ба гулӯгоҳи Ҳурмуз равона шавад.

Бо вуҷуди ин, Кохи Сафед ин иттилоъро танҳо “қисме аз нақшаҳои эҳтимолӣ” номид. Ин гуна вокуниш коршиносонро ба ин хулоса овардааст, ки Вашингтон мехоҳад ҳамзамон ду паём фиристад - аз як тараф омодагӣ ба иқдомоти сахт, яъне таҳдид; аз ҷониби дигар боз нигоҳ доштани дарҳои дипломатия.

Вале аксари коршиносон бар он ҳастанд, ки Амрико дар ҳолати бисёр ҳассос қарор дорад, зеро сенарияи имрӯзаи ҷанг бо Эронро интизор набуд. Аз оғоз Амрико ва Исроил нақша доштанд, ки бо аз миён бурдани мақоми раҳбарӣ ва афсарони баландпояи Эрон низом суқут мекунад ва ҷанг ба охир хоҳад расид, вале ин ҷанг як моҳ боз идома дорад ва тамоми минтақаро ба оташ кашидааст.

ИЗҲОРОТИ ЗИДДУНАҚИЗ

Сиёсати Амрико дар ин буҳрон якранг нест. Аз як тараф, вазири корҳои хориҷӣ Марко Рубио мегӯяд, ки Вашингтон метавонад “бидуни нерӯҳои заминӣ” ба ҳадафҳои худ бирасад. Аз ҷониби дигар, худи Доналд Трамп аз “ҳама дарҳо бозанд” ҳарф мезанад.

Ин зиддият тасодуфӣ нест. Дар воқеъ, ин як қисми стратегиест, ки онро метавон “номуайянии идорашаванда” номид. Бо чунин равиш, Амрико мекӯшад рақибро дар ҳолати интизорӣ ва ноитминон нигоҳ дорад.

Аммо ин стратегия хатар ҳам дорад, ҳар қадар, ки паёмҳо норавшан бошанд, эҳтимоли иштибоҳи ҳисоб зиёд мешавад. Ва дар сатҳи низомӣ, як иштибоҳи хурд метавонад ба як низои бузург табдил ёбад.

Махсусан, коршиносонро изҳороти зиддунақизи Доналд Трамп, ки дар як рӯз метавонад 4-5 маротиба фикрашро тағйир диҳад, ба ҳайрат овардааст.

ҚАЛБИ ЭНЕРЖИИ ҶАҲОН

Яке аз нуқтаҳои калидии ин буҳрон, бешубҳа, гулӯгоҳи Ҳурмуз мебошад. Ин масири танг, ки ҳудуди 20 дарсади нафти ҷаҳон аз он мегузарад, аҳамияти стратегии фавқулода дорад.

Ҷазираи Хорг, ки тибқи гузоришҳо метавонад ҳадафи ҳамла қарор гирад, маркази асосии содироти нафти Эрон аст, ки то 90%-и нафти ин кишвар аз ин тариқ содир мешавад. Ин маънои онро дорад, ки ҳар гуна амалиёти низомӣ дар ин минтақа на танҳо ба Эрон, балки ба иқтисоди ҷаҳонӣ зарба мезанад.

Баста шудани гулӯгоҳ аллакай таъсири худро ба иқтисоди ҷаҳон гузоштааст, аз ҷумла нархи нафт беш аз 50% боло рафт, нигарониҳо дар бозори ҷаҳонӣ афзоиш ёфт ва фишор ба иқтисоди вобаста ба энержӣ зиёд шуд.

Ин нишон медиҳад, ки ҷанг дар ин минтақа фақат байни Амрико ва Эрон ё Эрону Исроил нест, балки ба иқтисоди ҷаҳон таъсири амиқ мерасонад.

ОМОДАГӢ БА СЕНАРИЯҲОИ ГУНОГУН

Бо идомаи танишҳо, Амрико ҳузури низомии худро дар минтақа афзоиш медиҳад. Интиқоли киштии ҷангии USS Tripoli бо ҳазорон нерӯи дарёӣ ва омодагии сафарбарсозии то 10 ҳазор сарбози иловагӣ нишон медиҳад, ки Вашингтон ба сенарияҳои гуногун омода мешавад.

Коршиносон инро ду навъ шарҳ медиҳанд. Гурӯҳе бар онанд, ки Амрико ба амалиёти эҳтимолӣ омода мешавад. Вале гурӯҳи дигар бар онанд, ки Амрико мехоҳад рақибро тарсонад.

ПОСУХИ ТУНДИ ЭРОН

Вале воқеиятҳо нишон медиҳанд, ки ҳеҷ кадоме аз сенарияҳои Амрико Эронро наметарсонад. Ҷониби Эрон ба таҳдидҳои Амрико посухҳои тунд медиҳад. Муҳаммадбоқири Қолибоф, раиси парлумони Эрон Амрикоро ба “дугонагии сиёсӣ” муттаҳам карда, мегӯяд, ки Вашингтон зоҳиран аз музокира ҳарф мезанад, вале пинҳонӣ барои ҳамла омодагӣ мебинад.

Изҳороти ӯ, ки “мардони мо интизори вуруди нерӯҳои амрикоӣ ҳастанд”, бештар хусусияти таблиғотӣ дорад, аммо ҳамзамон нишон медиҳад, ки Теҳрон омода аст муқовимати шадид нишон диҳад.

Илова бар ин, ҳукумати Эрон бо ташкили тазоҳурот ҳатто дар шароити ҳамлаҳои ҳавоӣ кӯшиш мекунад рӯҳияи дохилиро нигоҳ дорад. Аммо ин иқдомҳо боиси талафоти ғайринизомиён низ шудааст, ки худ як масъалаи ҷиддии башардӯстона мебошад.

БРИТОНИЁ ВА МУТТАҲИДОН: КАНОРАГИРӢ БО ЭҲТИЁТ

Дар миёни муттаҳидони Ғарб мавқеи Кир Стармер ҷолиб аст. Ӯ ошкоро изҳор дошт, ки Британиё ба ҷанг ворид нахоҳад шуд ва “ин ҷанги мо нест”. Бо вуҷуди ин, Лондон ба таври ғайримустақим ба Амрико кумак мекунад, аз ҷумла иҷозат додааст, ки аз пойгоҳҳояш ба муқобили Эрон истифода шавад, ҳамчунин дар дифои ҳавоӣ кумакрасони ИМА бошад ва рақиби Эронро дастгирии логистикӣ кунад.

Испания бошад, осмонашро барои убури ҳавопаймоҳои амрикоие, ки дар ҷанг зидди Эрон истифода мешаванд, бастааст.

Ба гузориши BBC, Маргарита Роблес, вазири дифои ин кишвар рӯзи 30-юми март дар шаҳри Мадрид гуфтааст, ки Испания “истифодаи пойгоҳҳои низомӣ ва ҳарими ҳавоияшро барои иқдомҳои марбут ба ҷанг дар Эрон иҷозат намедиҳад”.

Дар ин бора нахуст рӯзномаи испании “El Pais” бо истинод ба манбаъҳои низомии ин кишвар гузориш дода, навишта буд, ин иқдом, ки ҳавопаймоҳои низомиро маҷбур мекунад барои расидан ба ҳадафҳои худ дар Ховари Миёна аз масирҳои берун аз Испания истифода баранд, шомили мавридҳои изтирорӣ намешавад.

Испания қаблан эълон карда буд, ки ба истифодаи пойгоҳҳои низомии муштаракаш бо Амрико барои ҳамла ба Эрон иҷозат намедиҳад. Педро Санчес, нахуствазири Испания ба таври ошкор ба ҳамлаҳои Амрико ва Исроил ба Эрон мухолифат карда, онро "ғайриқонунӣ" хонда буд.

Баъди ин Доналд Трамп, раисҷумҳури Иёлоти Муттаҳида таҳдид кард, ки робитаҳои тиҷоратии Вашингтонро бо Мадрид қатъ мекунад. Вале бо ин вуҷуд то ҳол Испания мавқеашро тағйир надодааст.

ТАҲДИДҲОИ НАВ

Ҷанги Исроилу Амрико бо Эрон боис шуд, ки нерӯҳои муқовимат, ки чанде “хомӯш” буданд, аз нав сар боло кунанд. Аз ҷумла “Ҳизбуллоҳ”-и Лубнон, ки тақрибан ҳамзамон бо оғози ҷанг бо Исроил вориди ҷанг шуд. То имрӯз дар натиҷаи бархӯрди “Ҳизбуллоҳ” бо артиши Исроил наздик ба 10 сарбози исроилӣ кушта шуданд.

Ҳафтаи гузашта ҳусиҳои Яман ҳам вориди ҷанг шуданд. Рӯзи шанбеи 28-уми март ҳусиҳо аввалин мушаки худро дар ҳимоят аз Эрон ба сӯйи Исроил партоб кардаанд. Ҳусиҳо як қисмати Яман, аз ҷумла пойтахт - шаҳри Санъоро зери назорат доранд.

Яҳё Сареъ, сухангӯи ҳусиҳо бо пахши наворе дар шабакаи иҷтимоии Х гуфт, ки ин гурӯҳ ба сӯйи шаҳрҳои Исроил чанд мушаки баллистикӣ партофтааст. Давоми як моҳи ҷанг чанд гуруҳи дигари ҷонибдори ҷумҳурии исломӣ ҳам ба тарафдории Эрон аз омодагии худ ба ҷанг муқобили Исроил эълон карданд.

ТРАМП ДАР БАЙНИ ТАҲДИД ВА МУЗОКИРА

Коршиносон муҳимтарин чеҳраи ин буҳрон Доналд Трампро медонанд. Изҳороти ӯ намунаи равшани сиёсати дугона аст: аз як тараф аз “музокироти ҷиддӣ” ҳарф мезанад, аз ҷониби дигар таҳдид мекунад, ки инфрасохтори Эронро нобуд хоҳад кард.

Ин равиш барои фишор овардан ба рақиб муассир буда метавонад, аммо ҳамзамон хавфи аз назорат баромадани вазъро дорад.

Ҷолиб он аст, ки тибқи гузориши “The Wall Street Journal”, Трамп омода аст ҷангро ҳатто бидуни боз шудани пурраи гулӯгоҳи Ҳурмуз поён диҳад. Ин нишон медиҳад, ки ҳадафи асосӣ на ҳатман тағйири куллии вазъ, балки расидан ба “натиҷаи қобили қабул” аст.

БОЗИИ БУЗУРГ

Бо гузашти як моҳ аз ҷанги Амрикову Исроил бо Эрон, ин буҳронро танҳо дар доираи як низои дучониба фаҳмидан нодуруст аст. Дар асл, ин як қисми бозии бузурги геополитикӣ мебошад, ки дар он манфиатҳои қудратҳои ҷаҳонӣ, бозорҳои энержӣ ва амнияти байналмилалӣ ба ҳам мепайванданд.

Вале дар ин “бозии бузург” мавқеи кишварҳои арабии Ховари Миёна ҳамагонро ба ҳайрат овардааст, ки ҳамсояи мусалмони худ, яъне Эронро танҳо гузоштанд ва кишварҳояшонро майдони ҳамла ба Эрон қарор доданд. Бо вуҷуди ин, Эрон бо посухҳои тунди лафзӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ мавқеи худро устувор нигоҳ доштааст.

Д. ҚОДИРПУР

1-УМИ АПРЕЛ, ДАР РӮЗИ ЯКУМИ МАВСИМИ БАҲОРИИ ДАЪВАТ БА ХИДМАТИ ҲАРБӢ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН (ВМКБ) ВА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН АЗ ИҶРОИ НАҚШАИ ДАЪВАТ ХАБАР ДОДАНД. ҲАТТО ШАҲРИ БОХТАР ЯК РӮЗ ҚАБЛ АЗ ОҒОЗИ МАВСИМИ ДАЪВАТ АЗ ИҶРОИ НАҚША ИТТИЛОЪ ДОД.



ВМКБ ВА ХАТЛОН

Нақшаро 100% иҷро карданд. Дигарон чӣ?

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) яке аз аввалинҳо шуда аз иҷрои 100-фоизаи нақшаи даъват дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои худ хабар дод. Ин барои ВМКБ воқеаи нав нест. Солҳои гузашта низ ин вилоят борҳо дар рӯзи аввали маъракаи аз анҷоми пурраи нақша гузориш медод.

Ҳамзамон, вилояти Хатлон низ имрӯз эълон кард, ки нақшаи даъват ба таври комил иҷро шудааст. Ҷолиб он аст, ки шаҳри Бохтар - маркази маъмурии вилоят ҳанӯз як рӯз қабл аз оғози расмии маъракаи аз иҷрои нақша хабар дода буд. Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид дар як маросим ба волидайн ва омӯзгорон барои тарбияи “ҷавонмардони шуҷоъ” изҳори сипос кард.

Аз минтақаи Рашт низ гузоришҳо мерасанд, ки ноҳияи Тоҷикобод тавонистааст нақшаи даъватро дар рӯзи аввал иҷро намояд.

Ҳоло маълумоти умумӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳанӯз дастрас нест. Масъулони Вазорати мудофиаи Тоҷикистон мегӯянд, ки айни ҳол омори дақиқ дар бораи иҷрои нақша дар саросари кишвар омода нашудааст.

Ҳамчунин, маълум нест, ки вазъ дар вилояти Суғд, ноҳияҳои тобеи марказ ва шаҳри Душанбе чӣ гуна аст ва нақша дар ин минтақаҳо то чӣ андоза иҷро шудааст.

Мақомот иҷрои босуръати нақшаро ба якчанд омил рабт медиҳанд. Аз ҷумла, онҳо аз афзоиши шумораи ихтиёриён, ҷорӣ шудани имтиёзҳо барои даъватшавандагон ва беҳтар шудани корҳои таблиғотиву фаҳмондадиҳӣ ёд мекунанд.

Ба гуфтаи намояндагони давлатӣ, солҳои охир таваҷҷуҳи ҷавонон ба хидмати ҳарбӣ афзуда, шароити хизмат низ тадриҷан беҳтар мешавад.

Бархе ҳам мегӯянд, ки иҷрои нақша дар рӯзҳои аввал бештар ба тағйироти қонунгузорӣ вобаста аст. Тибқи қонуни нави уҳдадориҳои ҳарбӣ, мақомот имкони ҷалби ҷавонон ба сафи Қувваҳои мусаллаҳро дар тӯли тамоми сол доранд.

Яке аз имкониятҳое, ки дар солҳои охир ҷорӣ шудааст, адои хидмати ҳарбӣ бо пардохти маблағ мебошад. Ин навъи хизмат, ки ба шакли кӯтоҳмуддат анҷом дода мешавад, барои бархе ҷавонон ҳамчун роҳи алтернативӣ пазируфта шудааст.



«DUSHANBE NAVRUZ FEST»

Бо иштироки сарояндагони ватаниву хориҷӣ

4-уми апрел дар Муассисаи давлатии «Наврӯзгоҳ»-и шаҳри Душанбе чорабинии фарҳангӣ-фароғатии «Dushanbe Navruz Fest» баргузор мешавад.

Аз шуъбаи рушди сайёҳии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе хабар медиҳанд, ки ҳадаф аз баргузории чорабинии мазкур фароҳам овардани фазои идона ва шароити мусоид барои истироҳату фароғати сокинони пойтахт, меҳмонон ва сайёҳон, инчунин муаррифии шаҳри Душанбе ҳамчун маркази мусиқии фарҳангӣ ва дорои имконияти васеи сайёҳӣ мебошад.

“Барномаи фестивал силсилаи чорабиниҳои ҷолиби фарҳангӣ ва фароғатиро дар бар мегирад. Аз ҷумла, баргузории шоу-консерти идона бо иштироки сарояндагони маъруфи ватанӣ ва ҳунармандони хориҷӣ, намоиш ва фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, пешниҳоди таомҳои миллӣ ва хӯришҳои гуногун, ширинихо ва нӯшокиҳои ташнагишикан пешбинӣ гардидааст”,- навиштааст манбаъ.

Иттилоъ дода мешавад, ки барои иштирокчиён ва меҳмонони фестивал барномаҳои гуногуни фароғатӣ, аз қабили бозиҳои варзишиву зеҳнӣ, озмуну викторинаҳои шавқовар, барномаҳои сиркӣ ва театрӣ, сайру саёҳат бо асп, гӯшаҳои махсуси фароғатӣ барои кӯдакон ва дигар фаъолиятҳои ҷолиб ташкил карда мешаванд.

Гуфта мешавад, ки чорабинии фарҳангӣ-фароғатии «Dushanbe Navruz Fest» аз соати 15:00 то 22:00 доир мешавад.


БА ТАКСИҲОИ «10-СОМОНӢ» САВОР НАШАВЕД

“Душанбенақлиётхадамотрасон”, ниҳоди масъули танзим ва назорати нақлиёти ҷамъиятӣ дар пойтахт аз сокинону меҳмонони Душанбе хостааст, ки ба кирокашҳои ғайрирасмӣ ё ба истилоҳ “10-сомонӣ” савор нашаванд.

Ин ниҳод рӯзи 31-уми март дар изҳороте ҳадафи ин талаби худро “таъмини ҳифзи ҳаёту саломатии мусофирон ва пешгирии садамаҳо” маънидод кардааст.

Масъулин ба сокинон тавсия додаанд, ки ҳангоми зарурат аз хидмати кирокашҳои “рақами давлатии тагрангашон сабз ва рақами қайди иловагии тагрангашон зард” истифода баранд.

Ин ниҳод илова кардааст, ки фаъолияти кирокашҳои ширкатҳои нақлиётии шаҳри Душанбе мутобиқ ба талабот буда, онҳо аз муоинаи техникӣ ва ронандагонашон аз ташхисӣ тиббӣ мегузаранд. Инчунин, ба қавли манбаъ, барои таъмини бехатарии ронандагон ва мусофирон дар дохили ин худравҳо дурбинҳои мушоҳидавӣ насб шуда, тавассути таҷҳизоти “GPS” раванди хидматрасонияшон таҳти назорат қарор дорад.



МАРДИ АРСАИ ҲУНАР

Бо чунин унвон маҷмуаи мақолаву ёддошт, мусоҳиба ва шеърҳо ба гиромидошти шахсият ва мероси адабии Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Сафармуҳаммад Айюбӣ бо теъдоди 500 нусха дар нашриёти «Эр-граф» бо сифати баланд аз чоп баромад.


Дар маҷмуа хотираҳо, мусоҳибаҳо, лутфҳо, сӯгномаҳо ва шеърҳои эҳдошуда ба устод Сафармуҳаммад Айюбӣ гирдоварӣ гардидаанд, ки аз дидгоҳҳои мухталиф симои адабиву эҷодии шоир ва драматурги маъруфро бозгӯ мекунанд.

Мақолаҳо ва дигар маводҳои дар китоб ҷойёфта ба қалами аҳли илму адаб ва фарҳанги ҷумҳурӣ ва шахсиятҳои шинохтаи илму адаби хориҷӣ тааллуқ дошта, ба таври фарогир рӯзгор, фаъолияти эҷодӣ ва арзиши осори устод Сафармуҳаммад Айюбиро шарҳу тавзеҳ медиҳанд.

Мураттибони китоб Симо Айюбӣ (духтари шоир) ва Ғанизода Муҳаммади Кангуртӣ (набераи шоир) мебошанд, ки бо эҳсоси баланди масъулият ва арҷгузорӣ ба мероси гаронбаҳои устод Сафармуҳаммад Айюбӣ ин маҷмуаро омода намудаанд.

Қобили зикр аст, ки китоб дар як муддати кӯтоҳ таҳия ва ба нашр расид. Он аз 488 саҳифа, 7 боб ва бахши алоҳидаи аксҳои таърихии шоир иборат мебошад. Маҷмуа ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 80-солагии шоир ба табъ расонида шудааст.

Китоб барои дӯстдорони адабиёт, муҳаққиқон ва ҳаводорони эҷодиёти устод Сафармуҳаммад Айюбӣ хеле муфид ва хонданбоб мебошад.



ДОСТОНИ ЗИНДАГИИ БАҲРИДДИН КАМОЛИДДИНОВ

Дар бораи профессор Баҳриддин Камолиддинов, доктори илмҳои филология ва забоншиноси тоҷик китоби наве бо номи "Аз камоли одамият то камоли илму ирфон" ба табъ расидааст.

Муаллифи ин китоб доктори илми филология, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Меҳроб Ҷумъазода шогирди мактаби илмии профессор Баҳриддин Камолиддинов буда, асар натичаи солҳо ҳамнишиниву шогирдии муаллиф бо устодаш аст ва он паҳлуҳои гуногуни ҳаёт, фаъолияти илмӣ ва вижагиҳои ахлоқии ин донишманди тоҷикро фаро мегирад.

Китоб аз ду бахш иборат буда, дар қисмати аввал хотираҳо ва очеркҳои тарҷумаҳолӣ дар мавриди шахсияти Камолиддинов гирд оварда шудаанд. Қисми дуюм бошад, пажӯҳишҳои муаллифро дар бораи асарҳои илмии Баҳриддин Камолиддинов дар бар мегирад.

АЗ КИТОБИ СЕНДИ ГАЛЛ «НАПОЛЕОНИ АФҒОНИСТОН»

КУДАТОИ НОФАРҶОМ


(Идома аз шумораҳои гузашта)

Масъуд Халилӣ, дӯсти ҳамешагии ӯ тавзеҳ медиҳад, ки агар дар он рӯзҳо дар Афғонистон мухолифи Довуд мебудед, ду роҳ пеш рӯй дошт: исломгароӣ ё коммунизм. Масъуд ба ҷунбиши исломгароӣ пайваст, зеро ин ҷунбиш бештар аз коммунизм ба боварҳои хонаводааш, падар ва падарбузургаш наздик буд. Дар айни ҳол ӯ бо худкомагии Довуд мухолиф буд, на ба хотири он ки маҳбубияти вижае барои исломи сиёсӣ вуҷуд дошт ё ин ки Масъуд ба ифротгароии мазҳабӣ гароиш дошт. Халилӣ мегӯяд: «Ӯ дар ҷавонӣ низоми коммунистиро дӯст надошт; ночор дар муқобили Довуд қарор гирифт. Ба назари ман дар Пешовар дарёфт, ки як мусалмони воқеӣ аст, аммо наметавонад як исломгаро бошад».

Халилӣ дар октябри соли 1978 барои нахустин бор Масъудро дар давраи табъиди ӯ дар Пешовар мулоқот кард. Довуд сарнагун шуда буд, аммо коммунистҳое, ки қудратро ба даст гирифта буданд, хӯи диктотурии бештаре нишон доданд. Боздоштҳо ва қуштор ба таври бераҳмона анҷом мешуд ва боиси густариши ошӯб дар саросари Афғонистон гардид. Дар зарфи як моҳ пас аз кудето, уламои динӣ алайҳи давлати коммунистӣ эълони ҷиҳод ва ҷанги муқаддас карданд - ҷанге, ки барои ҳамаи мусалмонон вазифаи истодагӣ дар баробари давлати мулҳид ва зидди мусалмон шумурда мешуд.

Раббонӣ, раҳбари Ҷамъияти Исломӣ дувоздаҳ ҷавони афғонро ба китобхонаи хурде, ки худ таъсис дода буд, даъват кард ва аз Халилӣ - писари шоир ва дипломати машҳури Афғонистон, профессор Халилуллоҳ Халилӣ хост барои ҳозирон чанд шеър бихонад. Халилӣ чор ё панҷ сол аз Масъуд бузургтар буд ва ҳангоми хондан мутаваҷҷеҳи ҷавони панҷшерие бо либоси сафед шуд, ки бо диққат ба ӯ гӯш медод. Баъдтар Масъуд худро муаррифӣ кард ва гуфт, ки падар ва падарбузургаш устод Халилиро хуб мешиносанд. Сипас ба ӯ пешниҳод дод, ки рӯзи баъдӣ якҷо дар «Дара» - бозори машҳури қочоқчиён дар атрофи шаҳр дар манотиқи қабоилӣ (Покистон) мулоқот кунанд.

Халилӣ гуфт: «Барои аввалин бор дар ҳаёти худ норинҷаки дастиро дидам». Масъуд ва дӯстонаш мехостанд чанд норинҷаки дастиро ба муҷоҳидине, ки дар вилояти Кунар, дар он сӯи марзҳои Покистон меҷангиданд, бирасонанд. Халилӣ ба ёд меовард:



“Ҳамон тавр ки писарам бо бозичаҳои худ бозӣ мекард, Масъуд низ ба ҳамон осонӣ бо норинҷакҳо бозӣ мекард”. Ба ман гуфт: «Ин тавр кор мекунад». Инро дар даст мегирӣ ва мекашӣ...”. Масъуд аз ман пурсид: «Чанд пул дорӣ?». Гуфтам: «180 доллар дорам». Гуфт: «Метавонам 80 доллар ё чизе дар ҳамин ҳад аз ту бигирам?». Пазируфтам ва ӯ гуфт: «Ин бисёр аст», бинобар ин ӯ тақрибан шашсад дона харид. Ин аввалин дидори ман бо ӯ буд. Фикр намекунам ӯ ин пулро ба ман пас дода бошад.

Тақрибан дар ҳамон замон Масъуд барои дидор бо раҳбари нахустин хезиш алайҳи давлати коммунистӣ ба Дуруш дар шимол ва дар марзи Покистон ва Афғонистон рафт. Муҳаммад Анвар Амин, яке аз мудирони маҳаллии вилояти Нуристон, дар дараи Камдеш - маҳали зисти худ алайҳи давлат қиём кард. Анвар ба муддати панҷ моҳ дар зиндони коммунистҳо буд ва ба қадре аз поксозиҳо ва эъдомҳои густарда хашмгин буд, ки ба маҳзи он ки хонаводааш дар сентябри соли 1978 барои озодии ӯ замонат гузоштанд, фавран алайҳи давлат силоҳ ба даст гирифт. Дар баҳори соли 1979 Масъуд ба Анвар дар Нуристон пайваст ва чанд ҳафта ба ҳайси муҳофизи ӯ кор кард ва аввалин таҷрибаи амалии худро аз ҷанги чирикӣ ба даст овард. Анвар қудрати ҷангиданро бо маҳорати идории худ пайваст ва Масъудро сахт таҳти таъсири худ қарор дод; дар канори Анвар ӯ масъулиятҳои як фармондеҳи низомиро барои маскан, хӯрок ва саломатии умумии мардумони ғайринизомӣ ба таври айнӣ мушоҳида кард. Ҳамчунин дар он замон буд, ки Масъуд кулоҳи пакул - як кулоҳи пашмини лабадор, ки ба таври суннатӣ дар Нуристон ва манотиқи марзӣ истифода мешавад, бар сар гузошт ва ин кулоҳ ба бренди шахсии Масъуд ва рамзи муқовимат табдил ёфт.

Дар моҳи майи соли 1979 Масъуд ба Пешовар бозгашт ва қасд дошт муқобилиятро бо давлати коммунист аз дараи Панҷшер оғоз кунад. Дар ҳамон замон қиёме дигар дар шаҳри ғарбии Ҳирот барпо шуда буд ва даргириҳо амалан оғоз гардида буданд. Масъуд гурӯҳе иборат аз 24 дӯст ва ҳамшаҳрии панҷшерии худро гирд оварда ва ҳамроҳи онҳо бо автобус аз манотиқи қабоилии Покистон ба сӯи марзи Бачур ҳаракат кард. Дар он ҷо бо қабилаҳои паштунӣ дидор карданд, ки силоҳҳои худро тавассути қочоқ аз посгоҳҳои давлатӣ мегузаронданд ва худ пиёда аз марз убур мекарданд.

Дар муддати чанд ҳафта ҳузури Масъуд дар дара эҳсос шуд; ӯ назорати чанд постгоҳи давлатиро ба уҳда гирифт ва барои тасарруфи шаҳри Гулбаҳор ба дашти шимолӣ рафт ва аз он ҷо барои қатъи роҳи иртиботии пойтахт ва марзи Шуравӣ - Афғонистон ҳамлае ба гузаргоҳи Соланг тарҳрезӣ кард. Дар ин ҳамла ду пул тахриб ва як пойгоҳи муҳими амниятӣ тасарруф шуд. Ин ҳамла бо вокуниши бисёр тунди мақомоти давлатӣ ва Маскав рӯ ба рӯ гардид ва онҳо ба зудӣ зиддиҳамлаҳоро алайҳи ӯ оғоз карданд.

Дар яке аз даргириҳо дар наздикии Ҷабали Сироҷ Масъуд аз ноҳияи Босун мавриди исобат қарор гирифт. Хушбахтона, дар он ҳин коко Тоҷуддин - дасти рости вафодор ва рустоии устувор ва тезчашм аз аҳолии Бозораки Панҷшер бо ӯ буд, ҳамон марде, ки баъдтар духтараш Сиддиқа бо Масъуд издивоҷ кард. Тоҷуддинро ҷангҷӯёни ҷавонтар “коко” (амӯ) хитоб мекарданд, ки навъе эҳтиром ба сабки афғонистонӣ ба бузургсолон аст. Маҳз Тоҷуддин Масъудро аз марг начот дод. Баъдҳо Тоҷуддин ба ёд меовард: “Ин захм барои чор моҳ Масъудро азоб дод”. Солҳо пас аз ин ҳодиса низ Масъуд ҳамчунон ду ё се ҳафта дар сол аз дарди камар ранҷ мекашид.

(Давом дорад)

ТИЛО ДАР ТОҶИКИСТОН АРЗОН ШУД

Аз омилҳо то тавсия ба соҳибкорон

Моҳи март барои бозори тило як давраи ғайриодӣ гардид. Дар ҳоле ки ҷаҳон дар гирдоби танишҳои сиёсӣ, бахусус дар Ховари Миёна қарор дорад, нархи тило, ки маъмулан дар чунин шароит боло меравад, баръакс поин рафт. Ин падида на танҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, балки дар Тоҷикистон низ ба таври возеҳ эҳсос шуд.



Тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, нархи сабикаҳои тилои ченшуда дар давоми як моҳ ба ҳисоби миёна тақрибан 14% коҳиш ёфт. Барои мисол, арзиши сабикаи 5-грамма аз 8132 сомонӣ то 7003 сомонӣ поин рафт. Ин тамоюл дар тамоми категорияҳои вазн - аз 10 то 100 грамм низ мушоҳида гардид.

Ин нишон медиҳад, ки бозори дохилии тило комилан вобаста ба равандҳои ҷаҳонӣ аст ва тағйирот дар сатҳи байналмилалӣ фавран ба нархҳои дохилӣ таъсир мерасонад.

Коршиносон поинравии ахири нархи тилоро бештар ҳамчун “тасҳеҳ” арзёбӣ мекунанд, зеро дар чанд соли охир ҳамеша болоравии босуръати нархи тило мушоҳида мешуд.

Дар ҳақиқат, агар ба солҳои охир назар андозем, мебинем, ки бозори тило давраи рушдро паси сар кардааст:

• соли 2023 - афзоиш ба андозаи 21,5%;
• соли 2024 - 25,8%;
• соли 2025 - қариб 40%;.

Дар чунин шароит, коҳиши 14-дарсадӣ бештар ба як “нафаси бозор” монанд аст, на оғози як тамоюли дарозмуддати коҳиш.

Ин гуна тасҳеҳҳо дар иқтисод падидаи муқаррарӣ мебошанд. Пас аз ҳар болоравии босуръат бозор барои барқарор кардани тавозун ба поинравӣ ниёз дорад.

Аз нигоҳи классикии иқтисодӣ, тило ҳамчун “паноҳгоҳи амн” (safe haven) шинохта мешавад. Яъне, дар замони ноустувории сиёсӣ ва иқтисодӣ сармоягузорон ба тило рӯ меоранд ва нархи он боло меравад. Аммо моҳи март ин қоида амал накард.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки якчанд омил боис шуданд, то сармоягузорон аз тило дур шаванд:

Аввал, мустаҳкам шудани доллар. Дар шароите, ки асъори амрикоӣ қавӣ мешавад, тило барои сармоягузорон камтар ҷолиб мегардад.

Дувум, болоравии босуръати нархи нафт. Дар пасманзари низоъҳо, сармоя ба бозори энержӣ равона шуд, зеро он имкони фоидаи зудтарро пешниҳод мекард.

Сеюм, интизориҳои сиёсати пуливу қарзии ИМА. Даромаднокии баланд аз дороиҳои долларӣ боис гардид, ки тилло мавқеи худро муваққатан аз даст диҳад.

Ба ибораи дигар, сармоягузорон ин дафъа тилоро канор гузошта, ба дороиҳои “фаъолтар” рӯ оварданд.

Дар Тоҷикистон нархи сабикаҳои тило мустақиман аз бозори ҷаҳонӣ вобаста аст. Бонки миллии Тоҷикистон арзиши онҳоро ҳар рӯз бар асоси нархи унсияи байналмилалӣ (фиксинги Лондон) муайян мекунад. Ин маънои онро дорад, ки ҳар тағйирот дар ҷаҳон фавран ба бозори дохилӣ мерасад (1); омилҳои маҳаллӣ нақши дуюмдараҷа доранд (2); арзиши бозпасхарид низ поин рафтааст, ки нишон медиҳад, сухан танҳо дар бораи сиёсати бонк нест, балки коҳиши воқеии нархи тило дар бозори ҷаҳонӣ аст (3).

Коҳиши нархи тило дар моҳи март як падидаи ҷолиб ва то ҳадде ғайриинтизор буд. Дар ҳоле ки ҷаҳон дар ҳолати буҳрон қарор дорад, бозор роҳи дигарро интихоб кард. Ин давра бояд соҳибкорон андеша кунанд: “Оё ҳоло вақти муносиб барои харидани тило аст?”.

Д. ҚОДИРПУР

MADE IN TAJIKISTAN

Маҳсулоти тавлидотии Тоҷикистон зери тамғаи «MADE IN TAJIKISTAN» қариб ба тамоми бозорҳои ҷаҳон роҳ ёфтааст ва содироти он рӯ ба афзоиш аст.

Тоҷикистон тайи соли гузашта ба 64 давлати хориҷаи дуру наздик молу маҳсулоти ватанӣ фурӯхтааст.

Даҳгонаи кишварҳоеро, ки Тоҷикистон ба онҷо маҳсулот содирот мекунад, дар тасвирбаёни зер бубинед.



ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

Аз фарҳангу маориф то саноату кишоварзӣ ва рушди вилоят

РӮЗҲОИ 29-31-УМИ МАРТИ СОЛИ РАВОН ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО МАҚСАДИ ШИНОСОӢ БО ВАЗЪИ ЗИНДАГИИ МАРДУМ, ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ТАЪЙИНОТИ ГУНОГУН БА ИСТИҚБОЛИ ҶАШНИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ТАҶЛИЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ БА ВИЛОЯТИ СУҒД САФАРИ КОРӢ ДОШТ.





БӮСТОН

ТЕАТРИ ПУШКИН ДАР БӮСТОН

Дар шаҳри Бӯстон бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бинои Театри давлатии драммавии русии ба номи Александр Пушкин баъди азнавсозӣ ба истифода дода шуд. Зимни шиносоӣ ба Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иншооти навсозишуда аз толори калону барҳаво бо 300 ҷойи нишаст, толори хурди тамрин, 14 ҳуҷраи корӣ ва ҳуҷраҳои ёрирасон иборат аст.

Дар иншооти фарҳангӣ толори асосии тамошо, саҳна, даромадгоҳ, ҷой барои либосовезӣ, ҳуҷраи ҳунармандон, ҳуҷраи пардозкорӣ, ҳуҷраҳои техникӣ барои рассомон ва дуредгарӣ мавҷуд аст.

Бино ба иттилои хадамоти матбуоти Сарвари давлат, иншооти мазкур баъди фаъолияти тӯлонӣ ба таъмиру навсозӣ ниёз дошт ва дар доираи татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҳукумати кишвар пурра навсозӣ гардидааст.

БОБОҶОН ҒАФУРОВ

АЗ МАРКАЗИ САВДО ТО ПАРАНДАПАРВАРӢ

Баъди оғоз бахшидан ба фаъолияти марҳилаи дуюми корхонаи “Қуттии тоҷик” Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ Маркази савдо ва хизматрасонии “Раҳимӣ” дар деҳоти Хистеварз ва корхонаи парандапарварӣ дар деҳоти Исфисорро ифтитоҳ намуд. Маркази савдо ва хизматрасонии “Раҳимӣ” дар идомаи иқдомҳои созанда ба ифтихори 35- солагии Истиқлоли Тоҷикистон сохта шудааст.

Маркази савдо ва хизматрасонии “Раҳимӣ” дорои ошхонаи муосир аст ва дар он номгӯи зиёди таомҳои милливу аврупоӣ омода карда мешавад.

Бо фаъол гардидани корхонаи парандапарварии “Чӯҷаи байзо” дар деҳоти Исфисор, шумораи фермаҳои парандапарварӣ дар ҳудуди вилоят ба 68 адад расид.

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки хатҳои технологӣ тавлиди нави ширкатҳои маъруфи ҷаҳонӣ буда, дар кишварҳои минтақа камназир аст. Ин технология метавонад дар як вақт то 200 ҳазор сар парандаро ба таври ҳудкор бо обу ғизо таъмин намояд.

Корхонаи парандапарварии “Чӯҷаи байзо” дорои нуқтаи махсуси забҳи паранда низ мебошад.

Ба таъкиди Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, фаъолияти чунин корхонаҳо ба ҳалли масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ, коҳиши вобастагӣ аз воридот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, устувории иқтисоди миллӣ ва ба рушди соҳаи саноат низ замина мегузорад.

Ҳамчунин, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо нашъунамои токзори ҳавозавии хоҷагии “Шамсу Қамар” дар деҳоти Дадабой Холматови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров шинос гардид. Токзор дар масоҳати 8,55 гектар бо саҳми соҳибкор Шавкат Расулзода бунёд шудааст.

10 ҲАЗОРУ 500 ГЕКТАР БОҒ

Ҳоло дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар масоҳати беш аз 10 ҳазору 500 гектар боғ мавҷуд аст, ки 3 ҳазору 200 гектарашро токзор ташкил медиҳад. Майдони токзори ҳавозавӣ дар ноҳия зиёда аз 300 гектарро ташкил намуда, ин масоҳат дар ҳоли афзоиш аст. Ҳамасола аз боғу токзори ҳудуди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 38 ҳазор тонна мева, аз ҷумла 8 ҳазору 500 тонна ангур истеҳсол мегардад, ки баробари таъмини талаботи дохилӣ ба содирот низ равона карда мешавад.

ХУҶАНД

АЗ САНОАТ ТО САРМОЯ ВА ТАШАББУСҲО БАРОИ ФАРДО

Дар шаҳри Хуҷанд бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бинои маъмурии Палатаи савдо ва саноати вилояти Суғд мавриди истифода қарор гирифт.

Зимни боздид Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки кормандон бояд бо масъулияти баланд, садоқат ба касб ва эҳсоси ватандӯстӣ фаъолият намоянд. Ҳамчунин, хизматрасонӣ ба соҳибкорон бояд шаффоф, босифат ва саривақтӣ бошад. Кормандон бояд барои фароҳам овардани муҳити мусоид ба рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорони хориҷӣ талош намоянд.

Бинои навбунёд дорои ду шуъбаи асосӣ - шуъбаи экспертиза ва сертификатсия ва шуъбаи робитаҳои иқтисоди беруна мебошад. Дар ошёнаҳои болоии бино толори барҳаво барои маҷлис, ҳуҷраҳои роҳбарият ва утоқҳои ёрирасон ҷойгир шудаанд.

Ҳамчунин, дар шаҳри Хуҷанд Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон як қатор иншооти иҷтимоию истеҳсолиро ба таври фосилавӣ ба истифода доданд.

Маркази ташхисию табобатии “Нейрамед” аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Илҳоми Тоҷибой сохта шудааст. Иқтидори технологии коргоҳи нави коркарди гӯшти паранда ва истеҳсоли маҳсулоти нимтайёри “Далерон” коркарди 120 тонна гӯшти мурғро дар бар гирифта, 10 намуди маҳсулоти гуногун истеҳсол карда мешавад.

Корхонаи истеҳсоли “Ширинихои Анас” бо ташаббуси соҳибкор Далер Ғанизода бунёд гардидааст. Иқтидори истеҳсолии он дар як моҳ зиёда аз 4 тоннаро ташкил медиҳад.

Чойхонаи миллии “Наврӯз” бошад, бо санъати баланди кандакорӣ барои истироҳату фароғати калонсолон дар маҳаллаи Темурмалики шаҳри Хуҷанд бунёд гардидааст.

МАРКАЗИ ИННОВАТСИЯ ВА ФАРҲАНГ ДАР ХУҶАНД

Дар шаҳри Хуҷанд бо ҳузури Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон Маркази фарҳанг ва рушди технологияҳои инноватсионӣ дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ифтитоҳ гардид. Иншоот аз толори калони маҷлисгоҳ бо 720 ҷойи нишаст, Маркази зеҳни сунъӣ ва IT Park, толори Шурои диссертатсионӣ, осорхона, намоишгоҳи ҳунарҳои мардумӣ, толори хурди омӯзиши мусиқӣ ва рақс, ҳуҷраҳои ёрирасон ва хизматрасонӣ иборат мебошад.

Маркази зеҳни сунъӣ ва IT Park, ки дар назди донишгоҳ таъсис ёфтааст, ҳамчун як платформаи муосири инноватсионӣ барои рушди технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар кишвар хизмат менамояд.

МАРКАЗИ ИННОВАТСИОНӢ ВА ТАҚДИМИ ХОНА БА 40 ОИЛА

Бинои истиқоматӣ, ки бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ шуд, барои кормандони соҳаи иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст. Он аз 9 ошёна ва 40 хонаи як, ду ва сеҳуҷрагӣ иборат мебошад.

“Таъмини кормандони соҳаи тандурустӣ, маориф, фарҳанг, ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни давлатӣ бо манзили зист барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва фароҳам овардани шароити арзандаи кору зиндагии омӯзгорон, парасторон ва кормандони соҳаи тиб мусоидат менамояд”,-иттилоъ медиҳад хадамоти матбуоти Президенти кишвар.

Ҳамчунин, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ошёнаи якуми ҳамин бино аз Маркази омӯзиши технологияҳои инноватсионӣ дидан намуда, ба фаъолияти он оғоз бахшид. Ифтитоҳи Маркази омӯзиши технологияҳои инноватсионӣ яке аз иқдомҳои муҳим дар самти ташаккули экосистемаи нави технологӣ дар шаҳри Хуҷанд арзёбӣ мегардад.

Дар ҳамин ҷо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба 30 нафар кормандони соҳаи маориф ва тандурустӣ калиди хонаҳои истиқоматӣ супорид.

«СУҒД-АРЕНА»

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд Маҷмааи варзишии «Суғд-арена»-ро ба истифода дод. Маҷмааи варзишӣ дорои 11 толори барҳаво мебошад, ки толори калони он 1000 ҳазор ҷойи нишаст барои тамошобинон дорад. Ин аввалин маҷмааи варзишӣ дар ҳудуди вилояти Суғд маҳсуб меёбад, ки дорои имкониятҳои васеъ барои машғул шудан ба намудҳои гуногуни варзиш мебошад.

Варзишгоҳи маҷмаа 3000 ҷойи нишаст дошта, ҳамчун базаи моддию техникии дастаи футболи «Хуҷанд»-и шаҳри Хуҷанд истифода мегардад.

«СУҒД САНОАТ ХОЛДИНГ»

Инчунин, бо иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд корхонаи истеҳсоли нӯшокиҳои «Суғд саноат холдинг» ифтитоҳ гардид. Ҳамчунин, Сарвари давлат бо лоиҳаи 5 иншооти нави истеҳсолию хизматрасонӣ шинос шуд.

Корхонаи истеҳсоли нӯшокиҳои «Суғд саноат холдинг» аз ду хати технологӣ иборат аст, ки аз Олмон ва Чин ворид гардидааст.

Истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот аз ҳадафҳои асосии фаъолияти корхона мебошад. Корхона аз ҷониби соҳибкор Мирзоабдураҳмон Мирзобаҳодурзода бунёд ёфтааст.

Ҳамчунин, дар ин ҷо ба Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаҳои сохтмони корхонаи истеҳсоли макарон, корхонаи истеҳсоли хӯроки омехтаи чорво, корхонаи коркарди пахта, гармхонаи муосир ва маркази хизматрасонии «Суғд мол» муаррифӣ карда шуд.

МАСТЧОҲ

МАОРИФ, САНОАТ ВА КИШОВАРЗӢ ДАР МАРКАЗИ ТАВАҶҶУҲ

Дар ноҳияи Мастчоҳ бо иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон Муассисаи таҳсилоти томактабии Суғдиён ба истифода дода шуд. Муассисаи мазкур дар деҳаи Ганҷобод бо тарҳи муосир сохта шуда, дар он барои тарбияи зиёда аз 300 кӯдак шароит фароҳам оварда шудааст. Корхонаи истеҳсоли хишти сохтмонии “Ҷаъфар-2014”, ки бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ ёфт, бо саҳми соҳибкорони ватанӣ Ниёз Ниёзов ва Саъдӣ Ниёззода бунёд шудааст. Ин корхонаи дуюми хиштбарории ширкати “Ҷаъфар-2014” мебошад. Корхонаи якуми соҳибкорон дар минтақаи Обшорони ноҳия фаъолият мекунад.

Дар ноҳияи Мастчоҳ Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №46-ро низ ифтитоҳ бахшид. Бинои муассиса бо иқдоми сокинони 4 деҳаи деҳоти Палдораки ноҳияи Мастчоҳ - деҳаҳои Табушн, Сабағ, Валиғонд ва Истошон, саҳми соҳибкорону ашхоси саховатпеша тавассути ҳашари умумӣ бо лоиҳаи мутобиқ ба талаботи муосир бунёд гардидааст. Ин мактаби замонавӣ барои таҳсили 800 нафар хонанда дар ду баст мебошад. Хонандагон қаблан дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40, воқеъ дар деҳаи “40-солагии Дилварзин” таҳсил мекарданд.

Ҳамчунин, бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Мастчоҳ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 14 ба истифода дода шуд. Бинои нави замонавии таълимӣ аз ду ошёна иборат аст.

Ба иттилои масъулини соҳаи маорифи ноҳияи Мастчоҳ, ҳоло дар ноҳия 48 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият дошта, дар онҳо зиёда аз 32 ҳазор хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Президенти кишвар 3 иншооти дигари истеҳсолӣ дар ноҳияи Мастчоҳро, ки бо саҳми соҳибкорон бунёд шудаанд, ба таври фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дод. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Мастчоҳ ба маъракаи кишти пахта дар заминҳои хоҷагии деҳқонии «Мирхонд» оғоз бахшида, ба деҳқонону кишоварзон ҷиҳати истифодаи самараноки замин, риояи қоидаҳои агротехникӣ, интихоби тухмии хушсифат ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ тавсияҳои муфид дод.











Бинои нави Беморхонаи марказии ноҳияи Мастчоҳ низ дар ҳузури Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба истифода дода шуд. Бинои нави беморхона дорои 8 шуъбаи асосии тиббӣ, аз ҷумла шуъбаҳои қабул бо ҳуҷраҳои функсионалӣ, таваллуд, бемориҳои занона, ҷарроҳии калонсолон, кӯдакона, урологӣ, инчунин шуъбаи эҳё ва ҷӯшбаи ҳозиразо мебошад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Мастчоҳ дар чорабинии бошукӯҳи фарҳангӣ бахшида ба ҷашни Наврӯзи фархундапай иштирок ва суханронӣ кард. Ин тантанаи наврӯзӣ дар варзишгоҳи марказии ноҳия бо ҳузури сокинони сершумор ва меҳмонон баргузор гардид.

Таъкид карда шуд, ки дар доираи нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Мастчоҳ бунёду азнавсозии 735 иншоот пешбинӣ гардида, то имрӯз ҳамаи онҳо ба истифода дода шудаанд.

ИСФАРА

БАРҚАРОРСОЗИИ ЗАМИНҲО ВА ИҚТИДОРИ САНОАТӢ

Сафари корӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Исфара бо боздид аз боғи интенсивӣ ва суперинтенсивӣ дар масоҳати 600 гектар, шинонидани ниҳолҳои дарахтҳои мевадиҳанда, ифтитоҳи оби полезӣ ва боздид аз намоиши маҳсулоти кишоварзӣ, саноатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ оғоз гардид.

Ба Сарвари давлат иттиллоъ дода шуд, ки соли равон кишоварзони шаҳри Исфара бо истифода аз имкониятҳои мавҷудаи табиӣ майдони кишти зироатҳои кишоварзиро ба 3 ҳазору 710 гектар расонидаанд.

Маҷмуи маҳсулоти кишоварзии шаҳри Исфара ба ҳолати 1-уми марти соли 2026 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба 74 ҳазор тонна баробар гардидааст. Ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2025-ум 4 ҳазору 300 тонна афзоиш ёфтааст.

Боғи интенсивӣ ва суперинтенсивии “Истиқлол” бо саҳми соҳибкорон Абдуризо Абдулаҳатов ва Сорбон Савриддинов дар масоҳати 600 гектар замини бекорхобида бунёд гардидааст.

Тибқи маълумоти оморӣ, соли 2025 дар шаҳри Исфара беш аз 100 гектар боғу токзори кӯҳна барқарор карда шудааст.

Боғи “Амирхон” дар масоҳати 87 гектар тариқи фосилавӣ ба фаъолият оғоз кард. Боғ бо саҳми соҳибкор Манучеҳр Амирзода аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ва дар мавзеи Моҳпарӣ бунёд гардидааст.

Инчунин, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Исфара бо лоиҳаи азхудкунии заминҳои бекорхобида, пойгоҳи обкашӣ, сардхона, коргоҳи бастубанди мева ва хоҷагии чорводорӣ ба таври фосилавӣ шинос шуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар шаҳри Исфара кони ангишти №8-и Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ангишт»-ро ба истифода дод. Лоиҳаи барқарорсозии кони №8-и Шуроб бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд амалӣ гардида, дар доираи он хатҳои истеҳсолӣ ва иншооти муҳими соҳавӣ таҷдиду навсозӣ шудаанд. Ҳоло дар татбиқи лоиҳа зиёда аз 700 кас фаъолият дошта, тибқи нақша, шумораи кормандон, аз ҷумла аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ марҳила ба марҳила зиёд карда мешавад.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар оянда, бо расидани марҳилаҳои нав, ҳаҷми истихроҷи ангишт тадриҷан афзоиш ёфта, соли 2026 то 200 ҳазор тонна, соли 2027 то 700 ҳазор тонна ва соли 2028 ба зиёда аз 1 миллион тонна дар як сол расонида мешавад.

Чанд иншооти дигар, аз ҷумла гулгашти Парчами давлатӣ дар деҳоти Чоркӯҳи шаҳри Исфара, се муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар деҳоти Ворух ва Хоҷаи Аъло, зеристгоҳи барқии «Исфара-1» дар доираи лоиҳаи «CASA-1000, коргоҳи дӯзандагӣ ва маркази хизматрасонии тиббӣ дар деҳоти Чоркӯҳ ба таври фосилавӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

ГУЛИСТОН

НАТИҶАГИРӢ АЗ РУШДИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ ВИЛОЯТ

Ёдовар мешавем, ки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни сафар ба вилояти Суғд дар шаҳри Гулистон бо роҳбарону фаъолон мулоқот намуд. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятро дар моҳҳои январ - феврали соли 2026 таҳлил намуда, дар назди масъулини вилоят ва шаҳру ноҳияҳо барои расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ ва истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ вазифаҳои мушаххас гузошт.

Зимнан, Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба сокинони ватандӯсти вилояти Суғд, соҳибкорон ва роҳбарону фаъолон барои саҳми арзандаашон дар ободониву пешрафти Ватан изҳори сипос намуд.

Раиси вилояти Суғд Рачаб Аҳмадзода ба Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон барои талошҳову ғамхориҳои ҳамешагӣ, ҳидоятҳои раҳнамунсоз ва таъмини шароити арзандаи кору зиндагии мардум изҳори миннатдорӣ намуд.

Иттилоъ дода шуд, ки то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ҳамовозӣ бо сиёсати созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон илова ба нақша боз 3 ҳазор иншооти дигарро бунёд кардаву ба истифода хоҳанд дод.

Муқимҷон Абдуфаттоев:

ҲАҶВ БОЯД МУТОБИҚИ ЗАМОН БОШАД!



МУҚИМҶОН АБДУФАТТОЕВ АЗ ЧЕҲРАҲОИ МАЪРУФУ МАҲБУБИ САНЪАТИ ТОҶИК БУДА, БО ҲУНАРИ НОТАКРОР, МАҲОРАТИ БАЛАНДИ АКТЁРӢ ВА СУХАНОНИ НАМАКИНУ ҲАҶВИ СОЗАНДААШ ДАР САҲНАИ ТЕАТРУ СИНАМОИ МИЛЛӢ ҶОЙГОҲИ ХОС ДОРАД. ИН ҲУНАРМАНДИ ҲИРФАӢ АЗ РӮЗҲОИ АВВАЛИ ТАЪСИСЁБИИ ТЕАТР-СТУДИЯИ "ХАНДИНКАМОН" ТО ИМРӮЗ РОҲБАРИИ ОНРО БА ЗИММА ДОРАД ВА СОЛҲОСТ, КИ БА МАРДУМ ХУШҲОЛӢ МЕБАХШАД. БАХШИДА БА РӮЗИ ХАНДА БО ИН ҲУНАРМАНДИ НОМВАР СУҲБАТ ОРОСТЕМ.

- Фазои имрӯзаи ҳаҷви тоҷикро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- Бо вуҷуди он ки имрӯз ҳаҷвнигорон ва блогерони зиёд фаъолият мекунанд, фазои ҳаҷви тоҷик холӣ ба назар мерасад.

Ҳаҷви асили тоҷик, ки мазмуну муҳтавои амиқ дошт, имрӯз камранг шуда ва гӯё бесоҳиб мондааст. Ҳаҷви воқеие, ки бояд инъикосгари мушкилоти ҷомеа бошаду ба талаботи замон ҷавоб диҳад ва дар баробари хандонидан ба андеша кардан водор созад, қариб намондааст. Албатта, имрӯзҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ баъзе ҳаҷвнигорону блогерон наворҳои ҳаҷвӣ мегузоранд, аммо на ҳар як лаҳзаи шӯхӣ метавонад ҷойгузини ҳаҷви воқеӣ бошад. Барои рушди ин соҳа мактаби махсуси ҳаҷв таъсис додан зарур аст. Дар он истеъдодҳои ҷавонро аз тамоми минтақаҳои Тоҷикистон ҷамъ оварда, бо роҳнамоии устодони тачрибадор тарбия бояд кард.

- То имрӯз чанд барномаи ҳаҷвӣ омода кардаед ва таҳияи барномаҳои ҳаҷвӣ чӣ душвориҳо дорад?

- Аз соли 1989 дар саҳнаам. То имрӯз ҳамчун ҳунарманд, коргардон, ҳаҷвнавис 6 филм, 5 намоишномаи касбӣ дар Театри давлатии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Камоли Хуҷандӣ бо иштироки ҳунармандони касбӣ, даҳҳо барномаҳои телевизиониву радиоӣ ва ҳазорҳо латифа ва саҳнаҳои ҳаҷвӣ омода кардаам. Ҳамчун коргардон дар ҷашни “60-солагии шаҳри Бӯстон”, ҳамчун коргардон ва ёвари коргардон дар чорабиниҳои оммавии Наврӯз ва Истиқлол дар вилоят саҳм гузоштаам.

Ҳаҷв аз душвортарин самтҳо маҳсуб меёбад. На ҳар ҳаҷвнигор ё ҳаҷвнавис ҳаҷвро ба ҳамон дарачае, ки ҳаст, бурда мерасонад. Зеро вазифаи он танҳо хандонидан нест, балки ба андеша водор сохтани тамошобин ё шунаванда аст. Мақсади ҳаҷв тавассути танз нишон додани камбудист. Аз ин рӯ, ҳаҷв на танҳо воситаи фароғат, балки як навъи тарбия ва худшиносӣ низ мебошад, ки ба пешрафти ахлоқӣ ва иҷтимоии ҷомеа мусоидат мекунад.

- Рисолати ҳаҷву ҳаҷвнигор аз чӣ иборат аст ва оё он рисолатеро, ки дар ҷомеа дорад, иҷро карда истодааст?

- Рисолати ҳаҷву ҳаҷвнигор пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки ҷомеаро оинавор инъикос намояд. Ҳаҷв на танҳо барои хандонидани мардум, балки барои бедор кардани шуур, ташаккули тафаккур хизмат мекунад. Яъне рисолати асосии ҳаҷв - ин тарбия, огоҳсозӣ ва такмил додани ҷомеа мебошад. Дар мавриди он ки оё имрӯз ҳаҷву ҳаҷвнигор рисолати худро иҷро мекунад ё не, метавон гуфт, ки ин масъала якранг нест. Дар баъзе маврид ҳаҷв рисолаташро иҷро карда истодааст, аммо хеле кам. Мутаассифона, мо ҳаҷвнавис кам дорем. Ҳаҷвнависони мо бештар ба публитсистика рӯй овардаанд. Имрӯзҳо ҳаҷвнигорон ҳам менависанду ҳам иҷро мекунанд, ки ин албатта дуруст нест. Зеро вазифаи ҳаҷвнигор офаридани нақш аст, на эҷоди ҳаҷв. Алҳол мо бо ҳаҷвнависони муваффақ Додохони Эгамзод, Эгамназари Соҳибназар ва дигарон ҳамкорӣ дорем.

- Чаро имрӯзҳо барномаҳои ҳаҷвии телевизионӣ кам шудаанд?

- Худ огоҳед, ки ҳар телевизион шуъбаи фароғатӣ дорад. Пештар ҳамин шуъбаҳо бо мо ҳамкорӣ мекарданд. Вале солҳои охир ба мо дар мавриди сабти барномаҳои ҳаҷвии телевизионӣ шуъбаи ягон телевизион мурочиат накардааст.

- Сабаби пароканда шудани дастаҳои ҳаҷвиро дар чӣ мебинед?

- Вақте маблағи ба даст меовардаи ҳунарманд талаботашро қонеъ намекунад, маҷбур мешавад ба дигар соҳа рӯй орад. Агар як омилаш ба иқтисодиёт тааллуқ дошта бошад, сабаби дигараш ба ҳам мувофиқ наомадани характери роҳбару корманд аст. Дар ин ҷо нақши асосиро роҳбар мебозад. Роҳбар бояд таҳаммулпазир бошад, ба кормандон эҳтиром гузорад ва андешаҳои онҳоро мадди назар гирад.

- Аз соли 1989 дар саҳнаед. Оё нақшаҳое, ки 37 сол пеш дар назди худ гузошта будед, амалӣ шуданд?

- Яке аз орзуҳои ман ҳамчун як ҷавони деҳотӣ аз Исфара ба намоиш гузоштани беҳтарин барномаҳои ҳаҷвӣ дар саҳнаҳои чумҳурӣ ва берун аз он буд, ки амалӣ шуд. Шукр, ки Худованд ба ҳама орзуҳои некам расонд.

Ҳоло ният дорам мактаби ҳаҷвии худро таъсис диҳам. Дар он истеъдодҳои ҷавонро аз давраи мактабхонӣ ҷалб намоям ва ҳамон мактаби тасъсис додаам баъди ман ҳам амал кунад.

- Шумо дар соҳаи ҳаҷв аз устодони соҳибмактабед. Худи шумо пайрави мактаби ҳаҷвии кадом устодон будед?

- Убайдулло Раҷабов, Абдураҳим Неъматов, Қиёмиддин Чақалов, Аловуддин Абдуллоев, ҳарчанд дӯсти мо буданд. Ин хунармандони ҳирфаӣ мутаасифона дар байни мо нестанд. Лекин мактаби ҳунарии онҳо шоистаи пайравист. Ман худ аз озмуни ҳаҷвӣ, ки ҳамасола дар шаҳру навоҳии вилоят бо ташаббуси устоди зиндаёд Абдураҳим Неъматов баргузор мешуд, ба олами ҳаҷв омадаам.

- Чаро имрӯзҳо чунин озмунҳо амал намекунанд ва оё театр-студияи "Хандинкамон" имкон дорад, ки чунин ташаббусҳоро роҳандозӣ намояд?

- Бале, чунин имконият вуҷуд дорад. Аммо барои татбиқи он дастгирии сарпарастон зарур аст. Агар онҳо кумак кунанд, метавон корҳои бузургро анҷом дод. Масалан, дар деҳаҳои дурдаст ҳаҷвнигорон ва тақлидкорони боистеъдод зиёданд, ки истеъдодашон то ҳол пурра ошкор нашудааст. Вазифаи мо ин аст, ки ин истеъдодҳоро дар якҷоягӣ дастгирӣ намуда, ба саҳнаҳои калон барорем. Зеро бисёре аз онҳо хоҳишу ҳавас доранд, аммо имконият надоранд. Ташкили чунин озмунҳо на танҳо барои кашфи истеъдодҳои нав, балки рушди санъати ҳаҷв низ заминаи мусоид фароҳам меорад.

- Чаро баъзе ҳунармандон ё блогерон аз усулҳое ё калимаҳое истифода мебаранд, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ мувофиқ нестанд?

- Албатта, ҳунарманди асил этикаи касбиро риоя мекунад. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки роҳи осонтарини хандонидани мардум истифодаи сухан ва ё амалҳои ғайриахлоқист. Вақте шумо шарикатонро дар саҳна як шаппотӣ мезанеду мардум механданд, ин ҳаҷв нест. Ин масхарабозӣ аст. Ҳаҷви асил бояд на танҳо хандонад, балки мазмуну мундарича дошта бошад ва тамошобинро ба фикр кардан водор созад. Завқи тамошобин бештар аз ҳунарманд вобаста аст. Онҳо чизеро тамошо мекунанд, ки ҳаҷвнигорон ё блогерон пешниҳод мекунанд. Ҳаҷв чаҳорчӯба дорад ва аз он чаҳорчӯба баромадан мумкин нест. Ё механдонам гуфта ҳар хел суханҳоро ба забон овардан аз руйи одоб нест. Ҳаҷв санъати нозук аст ва на ҳар кас метавонад онро дуруст иҷро кунад. Барои офаридани ҳаҷви босифат лозим аст, ки он ҳам муаллиф (ҳаҷвнавис) ва ҳам коргардони хуб дошта бошад.

- Барои рушди ҳаҷв ва нигоҳ доштани рисолати он чӣ бояд кард?

- Меҳнат, меҳнат ва боз ҳам меҳнат. Танҳо бо заҳмату омӯзиши пайваста метавон дар ин самт ба пешравиҳо ноил шуд. Ҳунарманд бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯ бошад, то истеъдодашро рушд диҳад. Ӯ бояд ҷомеаро хуб дарк кунад, дарди мардумро ҳис намояд ва онро бо забони нозук ва бадеӣ баён кунад. Танҳо дар ин сурат метавонад миёни мардум маҳбубият пайдо намояд.

- Шумо дар баробари ҳаҷвнигору суханвар будан, ҳаҷвнависи муваффақ ҳам ҳастед. Оё маҳсули эҷоди худро дар як маҷмӯа ҷамъ овардаед?

- То имрӯз тақрибан 11-12 ҳазор латифа навиштаам. Ният дорам онҳоро дар як маҷмӯа гирд оварам ва ба шакли китоб нашр кунам. Ҳоло он мавриди таҳрир қарор дорад. Фикр мекунам китобе мешавад, ки табъи ҳар мутолиакунандаро болида месозад.

- Дар охир чӣ гуфтанӣ доред?

- Хуб мешуд ба якдигар ҳамеша бо табассум нигоҳ кунем. Бо меҳру муҳаббат муносибат кунем. Мутаассифона, баъзан мебинем, ки ҳамсоя бо ҳамсоя, коргар бо ҳамкор ё роҳбар муносибати хуб надоранд. Мо бояд кинаву адоватро аз дил дур кунем ва ба ҳамдигар дасти мадад дароз намоем. Кибр накунем. Новобаста аз дороӣ, мансаб ё вазъи иҷтимоӣ, зарур аст, ки кибру ғуррро аз худ дур созем. Дунё дунёи дурӯза аст, пас чаро бо ҳамдигар бо мехрубонӣ ва табассум муносибат накунем? Аллакай тайи чанд соли охир аз телефонам 37 рақамро ҳазф кардам, зеро соҳибони онҳо дигар дар байни мо нестанд. Онҳо дӯстони хубам буданд. Аз ин рӯ, бояд ба қадри якдигар расем. Ба ҳамдигар кумак кунем. Вақте ки дар мансабем, то метавонем дигаронро кумаку дастгирӣ намоем. Якдигарро таҳқир кардан, кибр варзидан ё дағалона рафтор намудан дуруст нест. Барои хандидан сабаб пайдо кунем, зеро ханда занги дилро мерабояд. Инсоне, ки табассум мекунад, хеле зебост. Аз чеҳраи кушоди ӯ дил мунаввар мешавад. Аз нигоҳи илмӣ низ гуфта мешавад, ки ҳангоми хандидан 32 тору табури инсон ба ҳаракат медарояд, ки ба саломатӣ муфид аст. Барои ҳамин, ҳамеша хандед ва ба ҳамдигар бо табассум нигоҳ кунед.

- Ташаккур барои суҳбат!

- Саломат бошед!

Мусоҳиб:
Абдуғаффор ШОДИЕВ



ҶОИЗАИ САРМУҲАРРИРИ OILA.TJ

Фирӯза Сатторӣ, сармуҳаррири сомонаи Oila.tj дар озмуни “Иқтисод ва саводнокии молиявӣ: забоне, ки ба ҳама фаҳмост” ширкат варзида, сазовори ҷоизаи махсус гашт.

Ба муносибати Рӯзи матбуоти тоҷик дар меҳмонхонаи “Hyatt Regency”-и пойтахт маросими ҷоизасупории ғолибони Озмуни миллии рӯзноманигорон таҳти унвони «Иқтисод ва саводнокии молиявӣ: забоне, ки барои ҳама фаҳмост» баргузор гардид. Озмуни мазкур аз ҷониби Эътилофи миллии занони рӯзноманигори Тоҷикистон бо дастгирии молиявии Freedom Bank Тоҷикистон баргузор гашта, мақсади лоиҳа баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ тавассути журналистикаи касбӣ ва дастгирии рӯзноманигорон дар омода намудани маводҳои босифат оид ба иқтисод ва саводнокии молиявӣ буд.

Яке аз шартҳои асосии озмун мавзуҳои мураккаби молиявиро бо забони сода ва фаҳмо шарҳ дода, ба шаҳрвандон дар қабули қарорҳои огоҳонаи молиявӣ кумак расонидан буда, дар озмун рӯзноманигорон ва фрилансерони воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ ва мустақили кишвар аз гӯшаву канорҳои гуногуни Тоҷикистон ширкат варзиданд.

Тавре масъулини чорабинӣ зикр намуданд, ба озмуни миллии “Иқтисод ва саводнокии молиявӣ: забоне, ки ба ҳама фаҳмост” 48 нафар журналистони касбӣ беш аз 60 мавод пешниҳод намудаанд. Ҳакамони озмун дар 4 номинатсия 3 нафари ғолибонро интихоб намудаанд.

Сармуҳаррири сомонаи Oila.tj Фирӯза Сатторӣ барои таҳияи подкасти “Сармоя” дар мавзуи “Қадам ба қадам: чӣ гуна бо қарзи ипотека соҳиби хона гаштан мумкин аст?” соҳиби ҷоизаи махсуси “Фридом-Бонк Тоҷикистон” дар ҳаҷми 15000 сомонӣ гашт.

Мо ҳамкасбамонро бо ин дастовард табрик мегӯем!

IRS ШОҲРОҲИ НАВ МЕСОХТ, АГАР...

Таъмири куллӣ ва ҷории роҳи Душанбе - Чаноқ аз самтҳои асосии фаъолияти IRS маҳсуб шуда, ҳамасола бо фаро расидани мавсими гармо шуруъ мешавад. Ашхоси огоҳ хуб медонанд, ки таъмири роҳ махсусияти худро дорад, ки дар мавсими муайян амалӣ намудани ин кор яке онҳост.



Аз тассуроти ронандагону мусофирон, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ пахш ва нашр мешаванд, метавон ба хулоса омад, ки дар қиёс бо дигар роҳҳои мамлакат ҳолати роҳи Душанбе - Чаноқ хеле беҳтар аст.

Ёдрас шудан бамаврид аст, ки бо назардошти мавқеи ҷуғрофии ҷойгиршавӣ роҳи Душанбе - Чаноқ нигоҳубини 24-соатаро талаб менамояд. Дар сурати каме бетафовутӣ ба нигоҳдории он мушкилии зиёд рӯйи кор меояд. Агар дар фасли тирамоҳу зимистон кормандони IRS ба бартараф намудани тармаҳо, мунтазам тоза намудани роҳ аз барф ва коркарди он бо маводи зиддилағзиш, ба макони бехавф интиқол додани автомобилҳои дармонда машғул шаванд, дар мавсими гармо таъмиру тақдиди роҳ, рафъи пайомади бориши борон, омадани сел, лағжиши кӯҳпора, соҳилмустаҳкамкунӣ самтҳои афзалиятноки фаъолиятанд.

Эътироф бояд кард, ки сарфи назар аз фаъолияти пурмаҳсули кормандони филиали Ширкат, бинобар сабабҳои объективӣ ва субъективӣ баъзе қитъаҳои роҳи Душанбе - Чаноқ хароб шуда, зарурати аз нав бунёд намуданашон ба миён омадааст. Барои қиёс ва хулоса зикр бояд кард, ки таъмиру тақдиди роҳи Душанбе - Чаноқ соли 2012 оғоз гардида, ҳамон сол 2000 тонна асфалт харҷ шуда буд. Минбаъд ин нишондиҳанда тамоюли афзоишро касб карда, соли 2013 ба 6000 тонна, 2014 - 10000 тонна, 2015 - 15000 тонна, 2016 - 13575 тонна, 2017 - 51551 тонна, 2018 - 30864 тонна, 2019 - 49862 тонна, 2020 - 29377 тонна, 2021 - 55366 тонна, 2022 - 39916 тонна, 2023 - 25079 тонна, 2024 - 18408 тонна ва соли 2025 ба 25204 тонна асфалт расид. Дар маҷмуъ, давоми фаъолият барои таъмиру тақдиди роҳи мазкур қариб 400000 тонна асфалт харҷ шудааст. Ба ибораи дигар, бо асфалте, ки IRS давоми 16 соли фаъолият барои нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқ харҷ кардааст, бунёди боз як шоҳроҳи нави ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ имконпазир аст. Бахри тақвияти андеша, ҳамчунин, бамаврид аст ёдовар шавем, ки барои таъмиру тақдиди роҳи зикршуда мутахассисони хориҷӣ ва техникаву механизмҳои замонавӣ ҷалб шудаанд. Инчунин, 10 корхонаи истеҳсоли масолеҳи барои нигоҳдории роҳ пешбинигардидаи марбут ба филиали ширкат дар ин раванд саҳми бориз доранд.

Бо истинод ба роҳи паймуда ва дастовардҳои ноилгардида метавон гуфт, ки 16 соли сипаришуда барои роҳбарият ва кормандони филиали ширкат марҳилаи сабақомӯз, рушду такомул, тавсеаи равобит, болоравии нуфузу обрӯ, ташаккули афкори ҷомеа маҳсуб мешавад. Давоми фаъолият кормандони филиали ширкат бо ташаббускорӣ ва поквиҷдонӣ собит намуданд, ки қодиранд нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқро дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро намоянд.

Муҳимтар аз ҳама, ба шарофати масъулияткиносии кормандони IRS мардум мутмаин гардиданд, ки пули барои истифодаи роҳ пардохтнамудаашон ҷиҳати дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳ, бехтар намудани инфрасохтори (зербинои) нигоҳдории он ва харидории техникаву механизмҳои замонавӣ харҷ мешавад. Маҳз дар ин замина собит шуд, ки ба зиммаи ширкати мазкур вогузор шудани роҳи мавриди назар тадбири оқилона буда, пеш аз ҳама ба нигоҳдории ин шоҳроҳ, таъмини рафтуомади шаҳрвандон аз ҷануб ба шимоли кишвар, фаровонӣ дар бозорҳои мамлакат ва ғайра рабт дорад. Аз ҷониби коршиносон низ эътироф шуд, ки филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тими пурқувват табдил ёфта, мутахассисонаш дорои малакаи баланди касбиянд ва пойгоҳи техникии он ғанӣ мебошад.

Дар рӯзҳои таҷлили ҷашни Наврӯз кормандони филиали ширкат мавсими имсолаи таъмиру тақдиди роҳи Душанбе - Чаноқро оғоз намуданд. Имсол низ чун солҳои қаблӣ омодагӣ барои дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро шудани ин кор ҷиддӣ буда, корхонаҳои истеҳсоли асфалт ва техникаҳои барои таъмир махсусгардонидашуда барои пешбурди фаъолият пурра омодаанд. Дар мавсими имсола доираи фаъолият хеле васеъ гардида, тибқи нақша дар 3 минтақа - Варзоб, Зарафшон ва Суғд бо харҷи зиёда аз 26342 тонна асфалт таъмири куллии зиёда аз 50 километр роҳ дар назар аст.

Шарҳ додан бамаврид аст, ки таъмири куллӣ аз лиҳози моҳияту хароҷот аз бунёди роҳ кам нест. Илова бар ин, садҳо километр роҳ таъмири ҷорӣ гардида, дар масофаи 320 километр хатҳои уфуқӣ аз нав кашида мешаванд.

Дар идома овардани баъзе рақаму далелҳоро, ки “қатрае аз баҳр” буда, барои дарки моҳияти мавҷудияти IRS, самараи фаъолияти он ва баҳогузории беғаразона мусоидат хоҳанд кард, бамаврид медонем. Шояд баъзеҳо надонанд, ки барои аҳолии шафати роҳ низоми гузариши имтиёзнок ҷорӣ шудааст, ки баробари 50-93%-и нархномаи муқаррар гардида мебошад. Зиёда аз 90 фоизи убури автомобилҳо аз плазаҳои толлингӣ ба категорияи якум - мошинҳои сабукрав рост меоянд. Муқаррар шудани нархҳои пасттарин барои ин категория дар доираи сиёсати иҷтимоии корпоративи филиали ширкат далели он аст аст, ки IRS гирифтани фоидаи зиёдро мадди назар надорад. Вагарна, бояд баръакс бошад.

Мумкин иддае аз шаҳрвандон иттилоъ надоранд, ки солҳои 2013-2016 бо мақсади амалӣ намудани сиёсати иҷтимоии корпоративи худ IRS лоиҳаи нигоҳдории қитъаи Нуробод - Нимич дар шоҳроҳи Душанбе - Рашт - сарҳади Қирғизистон (дар масофаи 73 километр)-ро бе мақсади гирифтани фоида татбиқ намуд. Ба ин восита филиали ширкат дар тамдиди муҳлати истифодаи яке аз роҳҳои дигари аҳамияти стратегидошта саҳм гузошт.

Қобили зикр аст, ки давоми 16 сол IRS нигоҳдорӣ ва азнавсозии 36 кӯпруки ин масирро бо хароҷоти ниҳоят зиёд амалӣ намуд. Масалан, 3 пули калон, ки дарозии ҳар кадомаш аз 42 то 73 метр аст, пурра азнавсозӣ шудаанд. Хоса ва доимӣ будани таваҷҷуҳ ба таъмини бехтарии ронандагону мусофирон яке аз далелҳои марбут ба масъулиятшиносии роҳбарияти ширкати зикршуда мебошад. Барои мисол, ҳангоми тақдиди роҳи Душанбе - Чаноқ аз рӯи лоиҳа деворҳои ҳимоявӣ (парпетҳо) вуҷуд надоштанд ва аз ин лиҳоз сохта нашуданд. IRS бо ташаббуси худ, баҳри таъмини бехатарии шаҳрвандон дар масофаи 16000 метри тӯлонӣ чунин деворҳоро бунёд кард, ки то ин вақт чандин ҳамватанонамонро аз марг наҷот додаанд.

Дигар мақсаде, ки филиали ширкат дошт, бароҳат намудани гузариши плазаҳо мебошад. Бо ин мақсад дар плазаҳои толлингӣ паҳноии роҳ аз 7 метр ба 50 метр зиёд шуда, теъдоди хатҳои гузариш аз 2 ба 8-то расид. Муҳим он аст, ки дар ин раванд технологияи аврупоӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Ёдрас мешавем, ки дар дигар давлатҳо ширкатҳои ба ин кор машғулбуда ба бунёди плазаҳои замонавӣ умуман таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд.

Бо мақсади дар сатҳи баланд пеш бурдани фаъолият тӯли 16 соли мавҷудият 134 иншоот, аз ҷумла, пойгоҳ барои экспертҳо, анбор барои нигоҳдории маводи зиддилағзишу дигар масолеҳи барои нигоҳдории роҳ пешбинишуда, сеҳҳои истеҳсолӣ, озмоишгоҳҳо, иншооти зиддитармавӣ сохта шуда, мавриди истифода қарор гирифтанд.

Бо дарки масъулият метавон гуфт, ки IRS ҳамчун сармоягузор тамоми кӯшишро ба харҷ дода истодааст, то ҳолати роҳи Душанбе - Чаноқ ҷавобгӯи талабот бошад. Маҳз дар ин замина нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқ ба марҳилаи сифатнок ворид гардида, назари мардум дар бобати нигоҳдории роҳ такмил ёфт.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО



БО ФАРО РАСИДАНИ БАҲОР ДАР КӮҲИСТОНИ ТОҶИКИСТОН ЯКЕ АЗ ГИЁҲҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛ ВА ШИФОБАХШ - РЕВОҶ, КИ МИЁНИ МАРДУМ БО НОМИ ЧУКРӢ МАШҲУР АСТ, МЕРӮЯД. ИН ГИЁҲИ ХӮРДАНБОБ НА ТАНҲО МАЗЗАИ ХОС ДОРАД, БАЛКИ ДОРОИ ХИСЛАТҲОИ ЗИЁДИ ТАБОБАТӢ НИЗ МЕБОШАД.

ЧУКРӢ

Вақте Ибни Сино тавсия кардааст...

Тибқи маълумоти «Энсиклопедияи тиббӣ», дар таркиби ревоҷ витамини С, қанд, кислотаҳои органикӣ (чавҳари лимӯ, себ ва оксалат), инчунин намакҳои калий (К), калсий (Са), фосфор (Р) ва магний (Mg) мавҷуданд. Ин таркиб ба он хосияти қавии тақвиятбахшӣ мебахшад.

Хосиятҳои шифобахши ревоҷ:

- моддаҳои ғафсгаштаи баданро пароканда мекунад;
- кори меъда, ҷигар ва узвҳои гарммиҷози даруни шикам ва синаро қавӣ мегардонад;
- иштиҳоро мекушояд ва ташнагиро мешиканад;
- шиддати ҷӯшиши сафроро паст мекунад;
- қайи сафровӣ ва беҳузур шудани дилро қатъ месозад;
- фишори баланди хунро паст менамояд;
- хуни сафровиро соф мекунад;
- табҳои гарм ва сафровиро дафъ месозад.

Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки истеъмоли бардавоми он ба кам шудани моддаи қанд дар таркиби хун мусоидат карда, аз пайдоиши пучак ва чиртакҳо пешгирӣ менамояд.

Дар Тибет ревочро давои иллати меъдаву рӯда медонанд ва аз он мураббо, шарбат ва кисел омода мекунанд. Ҳакими бузург Абӯалӣ ибни Сино низ чукриро барои муолиҷаи диққи нафас, заъфи ҷигар, дарди меъда, исҳоли хунин, бемориҳои гурда ва пешобдон истифода мебурд.

Агар талқони ревочро бо решаи чокула якҷо бихӯранд, барои бемориҳои роҳи нафас - аз ҷумла сулфа, зиқ-ун-нафас ва гирифтагии овоз муфид шумурда мешавад. Бо шароби себ истеъмол карданаш барои сустии мушакҳо ва асаб тавсия мегардад. Бо оби гарм нӯшиданаш бошад, оруғ (аз ҷумла турш), дарди рӯда ва баъзе ҳолатҳои чурраро сабук мекунад.

Имрӯзҳо дар тиби муосир хока (0,1-0,3 г), шарбат ва қиёми спиртии решаи ревоҷ ҳамчун воситаи исҳоловар ва тақвиятбахши кори рӯда истифода мешавад. Миқдори яккаратаи решаи ревоҷ дар як рӯз аз 4,5 то 7 граммро ташкил медиҳад. Дар бемориҳои меъда ва ҷигар метавон ба ҷойи он гули сурхро баробари якуним вазни ревоҷ истифода бурд.

Бо вуҷуди фоидаҳои зиёд, истеъмоли ревоҷ бояд боэҳтиёт ва мувофиқи меъёр бошад. Аз ҳад зиёд истеъмол кардан метавонад боиси нохушиҳои меъдаву рӯда гардад. Пеш аз истифодаи табобатӣ машварати табиб тавсия дода мешавад.



БЕМОРИЕ, КИ АЗ НИКОҲИ ХЕШУТАБОРӢ ПАЙДО МЕШАВАД

Кормандони Маркази саратоншиносии Донишгоҳи Ҳарварди ИМА дар бобати саратоншиносии кӯдакон кашфиёт карданд. Онҳо генеро муайян карданд, ки барои инкишофи муътадили гурдаҳои кӯдакон масъул буда, дар хромосомаи Х-и занон маҳфуз аст. Новобаста аз он ки ген аз хромосомаи занона аст, мутатсияи он ҳам дар писарон ва ҳам дар духтарон боиси сар задани омос мегардад.

Ин кашфиёти ачиб аст. Зеро то ин дам олимон ду бемории ирсӣ (гемофилия ва далтонизм)-ро медонистанд, ки писарон аз модарон (аниқтараш хромосомаи Х-и модарон)-ашон “мерос” мегирифтанд.

Ксеродермаи пигментӣ бемории пешазсаратоние маҳсуб меёбад, ки дар он сабзиши бадомоси пӯст қариб дар ҳар як бемор рӯй медиҳад. Ин беморӣ ба гурӯҳи аутосомӣ-ретсессивии бемориҳои ирсӣ дохил мешавад. Гетеразиготҳо аз лиҳози фенотопӣ солиманд, аммо дар популятсия гени беморро нигоҳ медоранд. Тифли бемор бештар ҳангоми никоҳи ду шарики гетерозиготӣ ба дунё меояд.

Аз чунин издивоҷ беморони бо эҳтимоли инкишофи саратон дар самти ксеродермаи пигментӣ таваллуд мешаванд. Бо ҳамин сабабҳо, таваллуди кӯдакон бо ин гуна бемориҳо дар авлод ҳодисаи тасодуфӣ ба шумор меравад. Кӯдакони бемор аз волидайни аз лиҳози фенотопӣ солим ба дунё меоянд.

Як қисми кӯдакони аз лиҳози фенотопӣ солим интиқолдиҳандаи гетерозиготии беморӣ аз чунин волидон хоҳанд гашт, ки онҳоро ба насли худ мегузаронанд. Хеле кам созиши беморони гомозиготӣ бо гетерозиготӣ рӯй медиҳад, ки дар он 50 дарсади кӯдакон интиқолдиҳандаи гетерозиготӣ мешаванд. Никоҳ миёни хешовандон хавфи таваллуди кӯдакон бо ин намуди бемориро зиёд мекунад. Сабабаш дар зудии пайдошавии гетерозиготҳо миёни хешовандон мебошад.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Аввали ҳафта шуморо навигариҳои ногаҳонӣ мушавваш месозанд. Бо кор андармон шавед ҳам, барои истироҳат низ вақт пайдо кунед. Аз чоршанбе сар карда, бо мушкиле рӯ ба рӯ шуда, сабру қарор аз даст медиҳед.



Саратон
22.06 - 23.07

Аввали ҳафта бо дӯстону ҳамфикрон зиёд дар тамос мегардед. Вақти мусоидест барои баргузор намудани чашну маърака ва хайру саховат. Аз рӯзи чоршанбе сар карда мушкилиҳо зиёд мешаванд.



Мизон
25.09 - 22.10

Аввали ҳафта барои гирифтани қарз мусоид меояд. Аз пешниҳоди корӣ даст накашед, аз тағйирот наҳаросед. Шумо, ки зотан аз бахсу мунозира, ҷанҷолу харҳаша дурӣ мечӯед, мутаассифона миёнаи ҳафта бо нохушиҳо рӯ ба рӯ мегардед.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ҳар мушкиле, ки дар ин ҳафта ба саратон меояд, бояд дарҳол пайи ислоҳаш миёнро маҳкам бандед. Кор вазнину диққатро ҷамъ карданатон душвор мегардад. Барои он ки каме коратон сабук гардад, аз кумак пурсидан шарм надоред.



Савр
21.04 - 21.05

Аз аввали ҳафта танҳо дар бораи худ ва мушкилоти доштаатон гап зада, ҳамфикрони зиёдеро пайдо мекунед. Аз рӯзи чоршанбе сар карда, нафарони наздикатон хеле серташвиш мешаванду таъсираш ба шумо низ мерасад.



Асад
23.07 - 22.08

Рӯзи душанбе барои асадҳое, ки бо компютер сарукор доранд, мусоид меояд. Аз рӯзи чоршанбе сар карда, воқеаҳои асабхаробкунанда рух медиҳанд. Ҳодисае рух медиҳад, ки аз диданаш ором истода натавониста, лаҷоми корро ба даст мегиред.



Ақраб
23.10 - 22.11

Бо атрофиёнатон забон ёфтанатон душвор аст, вале аввали ҳафта бо ҳама муносибати хуб барқарор намуда, ба ҳайрат меоед. Миёнаи ҳафта дар ҳаёти наздиконатон тағйироти калон рух медиҳад. Шумо наметавонед бесарусомонии атрофатонро манъ созед.



Далв
21.01 - 19.02

Ин ҳафта азоби бепулӣ намекашед. Имкони ба даст овардани пули калон мавҷуд аст, ба шарте, ки танбалӣ накарда, сидқан меҳнат намоед. Ҳамёнатон пур ва кордатон болои равған мешавад. Теғи забонатон метавонад ниҳоли бахтатонро решагардон намояд.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Рӯзҳои душанбеву сешанбе дар баробари навигариҳои зиёд шумо аз сирру асрори нафаре огаҳ мегардед. Агар барои худ душман харидан нахоҳед, дар ин бора ба касе чизе нагӯед. Аз рӯзи чоршанбе вазъият андак душвор мегардад.




Сунбула
23.08 - 22.09

Аввали ҳафта тамоми корҳо бобарор анҷом меёбанд, вале миёнаи ҳафта яку якбора вазъият комилан тағйир меёбад. То охири ҳафта дар ҳаётатон тағйирот ба вуҷуд омада, то рӯзҳои истироҳат давом мекунад. Ба саломатии гурдаҳо диққат диҳед.



Қавс
25.11 - 21.12

Қавсҳо аввали ҳафта дар худ қуввату нерӯи зиёд ҳис мекунанд. Агар каме кӯшиш ба харҷ диҳед, корҳои зиёду мушкилоти пулии худро ҳал мекунед. Аз миёнаи ҳафта сар карда, дар ҷойи кор, оила, муносибатҳои оилавӣ чанд ҳодисаи ногаҳонӣ рух медиҳад.




Ҳут
20.02 - 20.03

Вазъи молиявии ҳутҳо ин ҳафта номусоид аст. Ба кумаки шахси наздикатон умед баста метавонед. Аммо фикри қарзи бафоиз гирифтанро аз сар дур намоед, то ба ботлоқи қарздорӣ наафтед. Бо пули калон дар кӯчаю бозор гаштанро маслиҳат намедиҳем.

АСҒАРИ ДОДБЕҲ

Донишманди бузурги Эрон даргузашт

Хабари даргузашти устод Асғари Додбеҳ, яке аз чеҳраҳои барҷаставу хушноми адабиёту фалсафаи Эрон, ки дар синни ҳаштодсолагӣ пас аз як давраи кӯтоҳи беморӣ ба абадият пайвастанд, моро сахт андуҳгин сохт. Даргузашти ин донишманди фарзона барои ҷомеаи илмию фарҳангии Эрону Тоҷикистон талафоте ҷуброннопазир аст.



Шодравон устод Асғари Додбеҳ, устоди фалсафаи исломӣ, адабиёти классики форсии тоҷикӣ ва ҳофизшиноси барҷаста бо дидгоҳе жарфу густарда пайванди устувор миёни фалсафа ва адабиёти классики форсӣ барқарор сохтанд ва ин улумро дар қолаби як низоми фикрии низомманд ба ҳам наздик карданд. Устод адабиётро на сирфан маҷмуае аз мутун, балки арсаи таҷаллии хиради эронӣ, андешаи фалсафӣ ва таърихи огоҳии миллӣ медонистанд. Дар нигоҳи эшон шеъри форсии тоҷикӣ олитарин сурати дурахшиши ҳикмат буд.

Асғари Додбеҳ ба унвони яке аз хушномтарин ҳофизпажӯҳони муосир бо баррасии жарфи лояҳои маъноии шеъри Ҳофиз ва шарҳу тавзеҳи мафҳуми «риндӣ» уфуқҳои тозаеро дар шинохти ин шоири бузург боз карданд. Аз дидгоҳи эшон «риндӣ» на як истилоҳи маҳдуди адабию ахлоқӣ, балки ҷаҳонбинӣ ва низоми фикриест, ки дар заминаи пайванди амиқе миёни хирад ва ишқ, инсон дар муқобили риёкорию тақводории зоҳирӣ мавқеи интиқодию озодандешона ихтиёр мекунад. Асғари Додбеҳ Ҳофизро равшанфикри хирадгаро, инсони жарфандеш ва суханвари бузурге медонистанд, ки ҷаҳони маънавию фикрии ӯ ба як давраи муайяни таърихӣ маҳдуд намешавад, балки то имрӯз низ барои инсони муосир аҳамият ва арзиши худро ҳифз кардааст. Аз дидгоҳи устод, андешаҳои Ҳофиз ҳанӯз ҳам метавонанд дар муқобили бухронҳои маънавӣ, риёкориҳои ичтимоӣ ва саргардониҳои рӯҳии инсон нақши роҳнамову маъниофар дошта бошанд.

Дар густараи пажӯҳишҳои худ устод Додбеҳ таваҷҷуҳе бунёдин ба таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ доштанд ва осори классикро бо дидгоҳе херменевтик, падидоршиносона, нишонашиносона ва фалсафӣ бозхонӣ мекарданд. Дар баррасиҳои устод дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Саъдӣ, Мавлоно, Низомӣ, Ҳофиз ва дигарон талоше пайваста барои кашфи мантиқи дарунии ин мероси азими адабӣ ва тафсири пайванди он бо сайри таҳаввули андешаи эронӣ мушоҳида мешавад. Устод Додбеҳ Фирдавсиро посдори хирад ва ҳувияти миллии форсизабонон медонистанд, ки бо эҳёи забони форсӣ рӯҳи ориёиро дар таърихи зинда нигоҳ дошт, Саъдиро меъмори забон ва ахлоқ мехонданд, ки дар осораш низоме аз ҳикмати амалӣ ва инсондӯстиро бунён ниҳодааст, Хайёмро файласуфе пурсишгар мешумурданд, ки ҳайрати ҳастии инсон ва саргаштагии ӯро дар баробари асрори вуҷуди олам дар қолаби рубоиёт баён кардааст, Мавлоноро намояндаи олии пайванди ирфону таҷрибаи ботинӣ ва мунтақиди ақли истидлолӣ медонистанд ва Низомиро бузургтарин достонпардози ҳикматгаро муаррифӣ мекарданд, ки дар манзумаҳои худ ахлоқ, маъно ва зебоиро дар ҳам омехтааст. Ҳосили тамоми ин пажӯҳишҳо бар ин андешаи устод устувор буд, ки адабиёти форсии тоҷикӣ «шиносномаи фикрӣ ва фалсафии» як тамаддуни бузург аст.

Аз дигар меҳварҳои асосии фаъолияти илмии устоди шодравон Асғари Додбеҳ метавон ба тасҳеҳ ва шарҳи мутуни кӯҳан, нигориши рисолаву мақолаҳои бунёдӣ дар таърихи адабиёт ва фалсафа, мушорикати фаъол дар тадвини Донишномаи бузурги исломӣ ишора кард. Эшон солҳо мудирияти бахши адабиёти Маркази Доиратулмаорифи бузурги исломиро бар ухда доштанд ва ба ҳайси узви Шурои олии илмии ин Марказ дар таъйин ва раҳнамоии самтҳои асосии пажӯҳишҳои адабӣ нақше барҷаста доштанд.

Ҳанӯз аз хотирам намеравад, ки чанд сол пеш, он гоҳ ки бо гурӯҳе аз ҳамкорон барои иштирок дар Намоишгоҳи байналмилалии китоби Теҳрон ба он сарзамине, ки ҳар вақабаш ёдгорие беназир аз тамаддуни ориёист, сафар карда будем, бо даъвати шахсии устод аз он Маркази доиратулиаорифи бузурги исломӣ, ки кохи баланду бегазанди илму маърифат аст, дидан намудем. Устод бо он бузургворӣ, фазлу футувват ва каромати ҳамешагии худ ҳар яки моро бо ҳадяе гаронмоя сарфароз гардониданд: бастае аз «Донишномаи бузурги исломӣ», ки дар он рӯзгор ҳаждаҳ ҷилди он интишор ёфта буд, ҳамчунин «Донишномаи Теҳрон» дар чаҳор ҷилд ва чандин китоби дигар. Он дидор барои ман танҳо як вохӯрии маъмулии илмӣ набуд, балки мушарраф шудан ба ҳузури шахсияте буд, ки дар симояш виқори дониш, нақобати фарҳанг ва одоби волои инсонӣ медурахшид.

Устод Додбеҳ дар соли 2002 ба унвони «Чеҳраи мондагор» дар соҳаи адабиёти ирфонӣ ва фалсафаи исломӣ қадрдонӣ шуданд ва дар соли 2023 аз сӯйи «Анҷумани осор ва мафохири фарҳангии Эрон» мавриди тақлил қарор гирифтанд. Бо ин ҳама, чойгоҳи ҳақиқии устод на дар унвонҳои расмӣ, балки дар осори мондагор, дар ёду хотираи шогирдон ва дар ҷараёни зиндаи андешаи адабию фалсафии ҷомеаи илмӣ пойдор хоҳад монд.

Шодимуҳаммад СӮФИЗОДА,
профессор

ДАРГУЗАШТИ РӮЗНОМАНИГОР МАҲМУДХОН ШОЕВ

Маҳмудхон Шоев, рӯзноманигор, устоди факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ректори пешини Донишкадаи омӯзгории ноҳияи Рашт рӯзи 28-уми март аз олам даргузашт.



Хабари даргузашти марҳумро пайвандонаш ба Pressa.tj тасдиқ карда, гуфтанд, ки марҳум як ҳафтаи охир гирифтори сактаи мағзӣ шуда буд ва дар бемористони "Шифобахш", маъруф ба Қарияи боло бистарӣ буд. Гуфта мешавад, ки Маҳмудхон Шоев солҳои охир аз фишорбаландӣ ранҷ мекашид.

Маҳмудхон Шоевро рӯзи 28-уми март дар Душанбе дафн карданд.

Маҳмудхон Шоев ходими соҳаи маорифи Тоҷикистон буд.

Ӯ 28-уми июли соли 1968 дар хонаводаи забоншиноси маъруф, устоди собиқи факултаи филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Эргаш Шоев ба дунё омада, пас аз хатми факултети рӯзноманигории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти касбии худро дар васоити ахбори омма ва соҳаи илм оғоз кард. Шоев ҳамчун номзади илмҳои филологӣ ва дотсент дар таҳияи китобҳои дарсии соҳавӣ, аз ҷумла дастури "Асосҳои журналистикаи телевизион" саҳми босазо гузошта, солҳои зиёд дар факултети рӯзноманигории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шогирдон дарс додааст.

Инчунин, ӯ солҳо вазифаи сухангӯи Вазорати маорифро ба зимма дошт.

Соли 2020 ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт таъйин гардид.

Пас аз чанд сол боз ба факултаи рӯзноманигории ДМТ баргашт ва дар он ҷо ба шогирдон дарс мегуфт.

АЗ ИДОРА:

Аҳли қалами ҳафтаномаи "Тоҷикистон" аз марги рӯзноманигор Маҳмудхон Шоев андуҳгин буда, ба пайвандонаш таслият баён мекунанд.

МАВЛУДНОМА

1 АПРЕЛ

Ашӯр Ашӯров (1956), 70-солагии зодрӯзи наттоқи радио.

Қурбонбой Каримов (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

Саъдихоҷа Маъдиев (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Абдулҳай Маҳмадаминов (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Додохон Эгамзод (1951), 75-солагии зодрӯзи нависанда, журналист.

2 АПРЕЛ

Александр Пестролобов (1951), 75-солагии зодрӯзи наворбардори кино.

Шарифи Шарифзод (1966), 60-солагии зодрӯзи шоир.

3 АПРЕЛ

Абдусамеъ Қуддус (1956-2009), 70-солагии зодрӯзи шоир.

Султон Қурбонов (1926-1994), 100-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Филип Чепурин (1911-1985), 115-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

4 АПРЕЛ

Валерий Жак (1941), 85-солагии зодрӯзи коргардони эстрада, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Хайриддин Сирочиддинов (1936-1997), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Урунбиш Узоқова (1956), 70-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи тиб.

5 АПРЕЛ

Тоҳирҷон Ваҳҳобов (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Қосимбой Маъмуров (1956), 70-солагии зодрӯзи забоншинос (англисӣ).

6 АПРЕЛ

Усмоналӣ Қурбонов (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Гадо Раҳимов (1906-1976), 120-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

7 АПРЕЛ

Хушбахт Абдуназаров (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Мақсуд Маҳмадҷонов (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Гавҳар Умарова (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

8 АПРЕЛ

Абдумаҷид Пӯлодов (1926-2012), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Темурхон Ҷалолов (1921-1985), 105-солагии зодрӯзи сароянда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ФУРӮШИ ХОНАҲО

1-ҳуҷрагии ба 2-ҳуҷрагӣ табдилдодашударо мефурӯшам, маҳ. 65. Тел.: 917-97-92-00, 987-51-84-83

ФУРӮШИ ҲАВЛӢ

➔ Ҳавлӣ, 6 дар хона, 150 м.м., 8 сот. замин, тамоми ҳуҷҷатҳояш дурустанд, Балх. Тел.: 918-50-61-91

ИҶОРАИ ХОНАҲО

➔ 1-ҳуҷрагӣ, ба нафарони оиладор иҷора дода мешавад, 3000 сомонӣ, пешпардохт барои 2 моҳ, маҳаллаи Водонасос, к. Рӯдакӣ. Тел.: 552-00-25-52

Як утоқро шабонарӯзӣ иҷора медиҳам, маҳ. 65. Тел.: 987-51-84-83

Як утоқро иҷора медиҳам, бо соҳиби хона, ба марди коргар, маҳ. 65. Тел.: 987-51-84-83

➔ 2-ҳуҷрагӣ, қабати 2, маҳ. 102, бо таъмир, иҷора медиҳам. Тел.: 918-55-73-21

ИҶОРАИ ҲАВЛӢ

➔ Як ҳуҷраро дар ҳавлӣ иҷора медиҳам, дар "Ҷазира", бо тамоми шароиташ, даромадгоҳи алоҳида дорад. Тел.: 918-55-73-21

➔ Ҳавлиро иҷора медиҳам, 2-ҳуҷрагӣ, Сирк, 2500 сомонӣ. Тел.: 001-33-80-33

➔ Ҳавлӣ, 1 ҳуҷра, пос. Южный, бе соҳибхона, иҷора медиҳам, 1500 сомонӣ. Тел.: 931-47-17-13

НИЁЗ ДОРЕМ

Ба маҳсгарони дорои сертификат ниёз дорем. Тел.: 98-624-41-41

Ба дастаи мо дӯзанда барои дӯхтани либосҳои махсус лозим аст. Маоши хуб, ҷойи кори бароҳат, пардохтҳои саривақтӣ, бо имконияти баланд шудани маош ва пешрафти касбӣ, хӯроки нисфирӯзӣ аз ҳисоби корхона таъмин карда мешавад. Тел.: 935-49-00-05, 101-68-01-01

Анбордор, расонанда лозим. Вазифаҳо: расонидани мол, борбардорӣ/борфарорӣ, имзои ҳуҷҷатҳо, тартиби анбор. Талабот: синну сол 20-40, масъулиятнок, ҷисман солим, донистани шаҳр бартарӣ. Шароит: 6/1, 8:00-18:00, хӯрок дода мешавад. Тел.: 917-44-36-00

Ба маҳсгарон ниёз дорем (бонувон). Тел.: 111-14-26-91

➔ Кор меҷӯям

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 931-47-17-13

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

➔ Рӯбучин ва хизматгор барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

ХИЗМАТРАСОНИИ ГУНОГУН

➔ Таъмири пурраи хона, аз А то Я. Арзон. Тел.: 919-10-10-18

➔ Штукатурка, шпаклёвка, обой, краска, кафел. Тел.: 917-66-08-25, 206-73-73-72

Таъмири яхдон, кондитсионерҳо, мошинаҳои ҷомашӯй. Босифат ва бокафолат. Тел.: 93-447-05-71, 917-55-05-71

➔ Газовик. Тел.: 988-61-10-57

➔ Таъмир ва азнавсозии ҳама намуди мебел. Мебел бо фармоиш. Тел.: 900-01-12-54, 200-303-102

МЕХАРАМ ГУНОГУН

Флягҳо, курпача, қолин, медал, нишон, асбобу анҷом, зарф, дег, танга, мошинаи дарздӯзӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғаз мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Шамсиев Файзулло, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Пушкин, дом 103, ҳ. 7, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Эгамов Қосим Умарович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Шестопалов 2/4 ҳ. 39, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи беподош додани квартира таҳти феҳристи №1ш-546, аз санаи 09.04.2015, ба номи Эгамов Қосим Умарович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Шестопалов 2/4, ҳ. 39, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Закиров Абдукадыр Қиёмович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Теппаҳои Шарқӣ, уч. 1, квартали 7, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи ҳарбии афсари ҶТ №003439, рақами шахсӣ А-61845, ба номи Лоиқов Шамсуддин Бозорович, ки санаи 29.05.2020 аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди ҲҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Билети донишҷӯӣ ба номи Пиров Парвиз Акбарович, ки соли 2023 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Билети донишҷӯӣ ба номи Абдурахмонова Хушнуда Собирджоновна, ки соли 2021 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ, А01398708, ба номи Нодирова Саодат Раҳмоновна, ки санаи 14.05.2018 аз ҷониби ШШМ ШВКД-1 н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Посольство Индии,
ул. Хусрави Дехлави, 48, 734024, Душанбе (Таджикистан).

सत्यमेव जयते

УВЕДОМЛЕНИЕ О ТЕНДЕРЕ

Tender Reference No.: DUS/815/01/2024 30 марта 2026

Посольство Индии в Душанбе приглашает лицензированные охранные агентства, зарегистрированные в Правительстве Таджикистана, к участию в тендере на предоставление профессиональных услуг охраны по следующим адресам:

1. Посольство Индии: ул. Хусрави Дехлави, 48, Душанбе, 734024
2. Резиденция Посла: дом № 3, ул. Карамова, Душанбе.

Подробная тендерная документация доступна по адресу: www.eoidushanbe.gov.in & https://eprocure.gov.in/epublish/app

Адрес:
Посольство Индии: ул. Хусрави Дехлави, 48, Душанбе,
734024 Душанбе, Таджикистан
Phone: +992-37-2217172/ 2211803/ 2210265
Email: hoc.dushanbe@mea.gov.in

Sd/-
(Ранджан Мондал)
Глава Администраци

➔ Билети донишҷӯӣ ба номи Эгамзода Кабир Асадкул, ки соли 2023 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи ҳамкорӣ оид ба сохтмони бинои истиқоматии бисёр ва баландошёна, №45, аз 01.03.2022 байни ҶДММ "Асрор-С" ва Шакаров Маҳмадзариф Назифович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Асирӣ, ҳ. 68, блоки Ж, ошёнаи 9, 51.90 м.м, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №8Ш-2125, аз санаи 18.07.2022 аз номи Шафоев Хуршед Раҳматуллоевич ба номи Шафоев Рустам Раҳматуллоевич, ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи 2-гузаргоҳи Ҳувайдуллоев, хонаи 102/4, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Қувватбеков Қувватбек Алифбекович, ки соли 2019 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи хариду фурӯш ба номи Шарипова Дилоров Рустамовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Р. Куримов 6 (собиқ Молодая Гвардия), блоки TW/3, ошёнаи 7, ҳуҷраи 31, масоҳат 74.3 кв.м., аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Муратов Махмудҷон Подавонович, РЯМ: 0730073383, РМА: 075040228, ки аз 24.02.2013 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ, №49479, ба номи Разоқов Раҷаб, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Федина, хонаи 56, ҳ. 19, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 9, Т-ШТУ №0077108, ба номи Қаноатзода Эраҷ, ки соли 2005 аз ҷониби МТМУ №17-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Муҳр ва гушамуҳр, ки ба ҶДММ "Раҳмат сохтмон", РЯМ: 0710012756, РМА: 070019817, аз 26.09.2024, тааллуқ доранд, бо сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

Сафорати шоҳигарии Арабистони Саудӣ мошинҳои зеринро ба фурӯш мемонад: Toyota Corolla 2017, Kia Sportage 2012, Hyundai Starex 2009. Барои маълумоти пурра ба рақамҳои 44-610-61-00 занг занед.

➔ ҶДММ "Абдусалом сохтмон", РЯМ: 0710013141, РМА: 070020228, ки аз санаи 15.02.2025 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Кооперативи тиҷоратии "Бегмахмад", РЯМ: 33003144, РМА: 3310004418, ки Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ додааст, барҳам мехӯрад.

➔ ҶДММ "Дандонпизишки Билол", №0209350, РЯМ: 0110031405, РМА: 010108029, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Кооперативи тиҷоратии "Акбар 96", РЯМ: 0710005560, РМА: 070000312, ки аз 29.06.2010 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Ба маълумоти ҳамагон расонида мешавад, ки Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди ташкилоти амонатии қарзии хурд "Арғун" ба таври азнавташкилдиҳӣ ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Арғун Бонк" дар раванди табдилдиҳӣ қарор дорад.

➔ Барои муттаҳидшавӣ "Чашмаи Зулол", РМА: 330014001, РЯМ: 3310010101, ба АИО "Зарнисор Ф", РМА: 33003300, РЯМ: 3310009377 ноҳияи Ҷ. Балхӣ.

ФУТБОЛ

ТОҶИКИСТОН БА ҚИСМИ НИҲОИИ ҶОМИ ОСИЁ-2027 РОҲ ЁФТ

31-уми март дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Ҳисор дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар бозии даври охири гурӯҳии марҳалаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 бо дастаи мунтахаби Филиппин бозӣ кард.



Шогирдони Горан Стеванович, мутахассиси сербӣ, сармураббии дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар як бозии мушкил тавонистанд бо ҳисобии мусовии 1:1 воҳӯриро ба анҷом расонанд ва соҳиби як имтиёз шаванду ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2027 роҳ ёбанд. Меҳмонон аввал шуда дар дақиқаи 19-ум ҳисобро кушоданд. Сипас, ба Шериддин Бобоев муяссар шуд, ки ҳисобро баробар кунад. Бо ҳамин ҳисоб бозӣ ба охир расид. Дастаҳои Тоҷикистон ва Филиппин соҳиби 14-имтиёзӣ шуданд, аммо шогирдони Стеванович бо бартарии таносуби голҳо дар зинаи аввал қарор гирифтанд ва соҳиби роҳҳат шуданд. Дар ин гурӯҳ дастаи Тимори Шарқӣ ва Малдив низ буданд, ки сеимтиёзӣ ба даст оварданд ва мутаносибан дар зинаи сеюму чорум қарор гирифтанд.

Қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2027 бо ширкати 24 даста дар Арабистони Саудӣ баргузор мешавад.

БОКС

МУШТЗАНҲОИ ТОҶИК ДАР АВВАЛИН ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ ТАҲТИ САРПАРАСТИИ WORLD BOXING

Чемпионати бокси Осиё дар соли 2026, ки аз 30-юми март дар Улан-Батор шуруъ шуд, то 11-уми апрел идома мекунад ва дар он варзишгарони Тоҷикистон низ ширкат мекунанд.



Ин чемпионат яке аз муҳимтарин мусобиқаҳои мавсим хоҳад буд. Ин аввалин чорабинии бузурги қитъавӣ таҳти сарпарастии World Boxing аст, ки ҳоло масъули бокси олимпӣ аст ва пас аз ҷудошавӣ бо федератсияи қаблӣ асосан низоми нави бокси ҷаҳонро ташаккул медиҳад.


Дастаи мунтахаби бокси Тоҷикистон аз нуҳ варзишгар иборат аст, ки онро Саидхӯҷа Маъмуров ва Хуршед Ҷӯраев роҳбарӣ мекунанд. Дар мусобиқаи миёни мардон Анушервон Фозилов (55 кг), Акмал Убайдов (60 кг), Руслан Ғафуров (65,5 кг), Шамшер Саидов (70 кг), Некрӯз Салимов (80 кг), Парвиз Каримов (90 кг) ва Муҳаммад Аброриддинов (+90 кг) ширкат хоҳанд кард. Дар байни занон Мичгона Самадова (57 кг) ва Бибинишастамо Холова (60 кг) Тоҷикистонро намояндагӣ мекунанд.

Дар рӯзи якуми мусобиқа Шамшер Саидов зери вазни 70 кг дар даври аввали бар намояндаи Кореяи Ҷанубӣ Ким Ҷонсу ғолиб омада, ба даври чаҳорякниҳоӣ баромад. Дар рӯзи дуюм Анӯшервон Фозилов дар вазни 55 кг дар даври аввали мусобиқа бо намояндаи Кореяи Ҷанубӣ Ҷо Сеҳёнг қувваозмоӣ кара, пирӯзӣ ба даст оварда ва роҳашро ба марҳилаи чаҳорякниҳоӣ ҳамвор кард. Бибинишастамо Холова дар вазни 60 кг дар рақобати аввал аз намояндаи Муғулистон Монхор Намуун мағлуб шуда, аз идомаи рақобатҳо маҳрум шуд.

ҶУДО

НОКОМИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР TBILISI GRAND SLAM 2026

Паҳлавонони тоҷик дар мусобиқаи сайри ҷаҳонии ҷудо Tbilisi Grand Slam 2026, ки рӯзҳои 20-22-юми март дар пойтахти Гурҷистон доир гардид, ном шуданд.



Дар мусобиқаи “Тоскулоҳи бузург”-и Тифлис 386 варзишгар (236 мард ва 150 зан) аз 51 кишвари ҷаҳон ширкат доштанд. Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон шаш варзишгари ҷавони аз 18 то 22-сола шомил буданд, ки дар сабқати мардон рақобат карданд. Инҳо дар вазни -60 кг Рамзиддин Азизов, -66 кг Искандар Маҳмадхоҷазода, -81 кг Сайфиддин Сайфиддинзода, -81 кг Абубакр Шеров, -90 кг Ардашери Ҳамза ва -90 кг Озаррахш Ҳомидов буданд. Ҳамаи намояндаҳои Тоҷикистон дар даврҳои муқаддамотӣ ба шикаст мувоҷеҳ шуда, аз ҳақи идомаи мубориза маҳрум гаштанд.

Дар ҳисоби умумидастаӣ Исроил бо 5 нишон (3 тило, 1 нуқра ва 1 биринҷӣ) мақоми аввалро соҳиб шуд. Русия 7 нишон (2 тило, 2 нуқра ва 3 биринҷӣ) зинаи дуюм ва Гурҷистон бо касби 6 нишон (2 тило ва 4 биринҷӣ) зинаи сеюмро ишғол карданд.

Маблағи умумии ҷоизаҳои молии мусобиқа 154 ҳазор евроро ташкил медод. Ғолибон дар ҳар як вазн (7 вазн байни мардон ва 7 вазн миёни занон) бо 5000 евро, барандагони нишони нуқра бо 3000 евро ва соҳибони нишонҳои биринҷӣ бо 1500-евроӣ мукофотонида шуданд.

РЕЗААХБОР



Дастаи олимпии то 23-солаи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Мубин Эргашев аввалин бозии худро дар мусобиқаи байналмилалии «The U-23 Tri Nation International Football Tournament 2026», ки дар Ҳиндустон ҷараён дорад, бо дастаи Бутан анҷом дод ва бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуд. Дар даври дуюм ҷавонони Тоҷикистон рӯзи 31-уми март дастаи олимпии Ҳиндустонро бо ҳамин ҳисоб мағлуб карданд.

***

5-уми апрели соли 2026 дар Қасри теннис ва маҷмааи варзиши обӣ бахшида ба Рӯзи пойтахт барои дарёфти Ҷоми Раиси шаҳри Душанбе ҳафтумин Мусобиқаи байналмилалии куштигирӣ баргузор мегарад. Ҷоизаи умумии мусобиқа 100 ҳазор долари амрикоиро ташкил медиҳад. Ғолибони мақоми аввал соҳиби 10 ҳазор доллар, ҷойи дуюм соҳиби 5 ҳазор доллар ва мақомҳои сеюм сазовори 2 ҳазору 500 доллари амрикоӣ мегарданд.

***

Дастаи наврасони футболбози то 16-солаи Тоҷикистон зери роҳбарии Ҷаъфар Ахмедов дар мусобиқаи байналмилалии «Talents Cup 2026» ширкат кард ва се бозӣ анҷом дод. Даста Қазоқистонро бо ҳисоби 5:2 мағлуб карда, бо Ӯзбекистон мусовӣ кард (3:3) ва аз Қирғизистон бо ҳисоби 0:3 мағлуб шуд. Қазоқистон бо шаш имтиёз дар ин мусобиқа пирӯз шуд. Бинобар натиҷаи рақобати байниҳамӣ дастаи Қирғизистон ҷойи дуюм ва Тоҷикистон мақоми сеюмро ишғол карданд.

***

Паралимпичиёни тоҷик дар Фестивали III байналмилалии мутобиққунонии намудҳои варзиш «ИМПУЛС», ки 26-27-уми март дар шаҳри Сочии Русия баргузор шуд, дар дастхобонӣ 21 нишон: 13 тило, 5 нуқра, 3 биринҷӣ; вазнабардорӣ - 7 нишон: 4 тило, 3 нуқра; дартс - 3 нишон: 1 нуқра, 2 биринҷӣ; шатранҷ - 1 нишони тило; шашка - 3 нишон: 1 тило, 1 нуқра, 1 биринҷӣ ба даст оварданд.



ИШҚ Ё ПУЛ?

- Барои шумо чӣ муҳимтар аст: муҳаббат ё пул?
- Албатта муҳаббат!
- Шумо чиро дӯст медоред?
- Пулро...

ҶАСУРӢ

- Шумо дар ҳаёти худ ягон рафтори ҷасурона анҷом додаед?
- Бале, боре дар дарси алгебра даст бардошта будам.

МАОШ

- Қариб тамоми рӯзамро дар ҷойи кор мегузаронам, вале маошам зиёд намешавад. Сабаб дар чӣ бошад?
- Аз афташ барои вақтгузаронӣ пул меситонанд.

АФСӮС

- Мардак, ту медонӣ, ки ман бароят аз осмон фиристода шудаам?
- Медонам, медонам, афсӯс, ки “ПВО” сари вақт пай набурд.

РӮЗАХӮР

Нафаре дар шаҳр рӯзаашро мехӯрд, полис ӯро ба назди қозӣ овард, аммо дид, ки қозӣ кабоб хӯрда итодааст. Қозӣ пурсид:
- Ин шахс чӣ кор кардааст?
Полис гуфт:
- Ин шахс дар шаҳр нони қоқ мехӯрд, овардамаш, ки бо шумо кабоб бихӯрад.

ДАРАХТ

Аз рӯйи дарахт тарафи шимолу ҷанубро чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст?
- Хеле осон! Арча шимол асту палма ҷануб!

КАСБ

Аз духтуре пурсиданд:
- Чаро шумо касби духтуриро интихоб кардед?
Гуфт:
- Роҳи дигар надоштам, чун Донишгоҳи тиббиро хатм кардаам.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

МУШОҲИДА

Имрӯз мушоҳида намудам, кампираке ҷавонеро, ки ҳушаш ба телефонаш банд буд, ёрӣ дода аз роҳ гузаронд...

ОЁ МЕДОНЕД?

Аз дилхоҳ фурудгоҳи рӯйи дунё, инро дар “Фейсбук” хабар надода, парвоз кардан мумкин аст...

ЧИЗЕ, КИ НЕСТ...

- Илму ҳунарро касе аз ман гирифта наметавонад!
- Рост мегӯӣ. Чизе, ки набошад, онро чӣ хел мегирӣ?!

НӮШБОД

- Дӯстон, биёед ҳама якҷоя нӯшиданро бас мекунем!
- Нӯшбоди олӣ. Бардоштем!...

МОР

- Занак, аз рӯйи мулчар соли ту чист?
- Ман морам.
- Ман инро медонам. Пурсида истодаам, ки солат чист?

ХАСИС

Хасис бо зан ва писараш чой менӯшид. Як дона қандро дар байни дастархон монда буданд. Хасис як қулт чой нӯшида, ба қанд нигоҳ мекард. Занаш ҳам як қулт нӯшида, ба қанд нигоҳ мекард. Писарашон низ як қулт чой нӯшиду дурудароз ба қанд нигоҳ кард. Падараш як шаппотӣ ба пушти сари писараш фаровард, гуфт:
- Чойи аз ҳад зиёд ширин ба саломатӣ зарар дорад...

ИҚРОР

- Шумо тасдиқ мекунед, ки ба хонаатон омада, шавҳаратонро бо маҳбубааш дарёфта, онҳоро бо помидор задед?
- Бале, ҳамин тавр.
- Пас, сару рӯйи кафидаи онҳоро чӣ гуна шарҳ медиҳед?
- Охир, помидорҳо дар бонка буданд...

СӮЗАНДОРУ

- Модарҷон, имрӯз дар мактаб эмгузаронӣ буд, хонандагонро сӯзандорӯ заданд.
- Бисёр хуб, духтарам. Умедворам, ки ту гиря накардӣ?
- Не, модарҷон, маро дарёб накарданд...

5 ДАҚИҚА

- Ман ба ту бо забони тоҷикӣ гуфтам, ки баъди панҷ дақиқа расида меоям. Барои чӣ баъди ҳар як ним соат занг мезанӣ?!

ХОБ

Имрӯз саросема аз хоб бедор шуда, бо таассуф аз дил гузаронидам, ки ба кор дер мондам. Вақте чашмонамро молида, ба атроф нигаристам, ором шудам. Охир, ман дар корам...

Х. БАСРИДДИНОВ

Сканворд

